# Авлиёи Аллоҳ оқилонанд на девонагон

أولياء الله عقلاء ليسوا مجانين

تأليف

شيخ الإسلام أحمد بن عبد الحليم بن تيمية

تحقيق

محمد شاكر الشريف

المترجم

شهاب الدين صالح


**МУАЛЛИФ**
**ШАЙХИ ИСЛОМ АҲМАД ИБНИ АБДУЛҲАЛИМ ИБНИ ТАЙМИЯ**
**МУҲАҚҚИҚ**
**МУҲАММАД ШОКИР АЛ-ШАРИФ**
**ТАРҶУМОН**
**ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ**

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ҳамду сипос барои Аллоҳ ва салоту салом бар Расулуллоҳ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил бод, аммо баъд:

Шайхи Ислом Аҳмад ибни Абдулҳалим ибни Абдуссалом ибни Таймия бузурге аз бузургон ва марде аз мардони машҳури ин уммат аст. Ва ӯ мардест, ки ба муаррифӣ эҳтиёҷ надорад, пас ӯро дуру наздик мешиносад, ҳамонгуна ки хоссу ом ӯро шинохтанд. Ва марде ки ба ин манзалат расидааст, ҳамаи ин варақҳо барои оиди ӯ сухан кардан кофӣ намебошад, бинобар ин мо дар бораи ӯ ба таври мухтасар менависем. Оиди ӯ аз барои ёдраскунӣ менависем на барои шиносондан.

Шайхи Ислом дар шаҳри Ҳаррон дар Шом соли 661 ҳиҷрӣ ба дунё омада ва ӯ аз оилае аст, ки дилбохтаи илм буд. Падараш Шиҳобуддин Абдулҳалим ибни Абдуссалом аз шахсони намоёни ҳанбалиҳо буд, мазҳаби ҳанбалиро хонд, то ки онро устувор аз худ кард ва дарс дод ва фатво дод ва китоб таълиф намуд ва дар масҷид курси дошт, ки дар рӯзҳои ҷумъаҳо аз ҳифзаш бар болои курси

нишаста сухан мекард. Ва аммо бобояш Шайхи Ислом Маҷдуддин Абӯлбаракот Абдуссалом ибни Абдуллоҳ, фақеҳ, муқрӣ, муҳаддис, муфассир, усулӣ, наҳвӣ яке аз ҳофизони намоён буд.

Ва ҳаргоҳ ҳоли падар ва бобояш ин бошад, пас ҷои тааҷҷуб нест, ки Шайхи Ислом бар ин сурати бузург аз илми саҳеҳ ва амали накӯ барои мо намоён гардад.

Оиди ӯ Ибни Вардӣ мегӯяд: "Шайх оиди мардон, ровиёни ҳадис ва ҷарҳу таъдил ва табақаҳои онон ва донистани фанҳои ҳадис ва ҳадиси олӣ ва нозил ва саҳеҳ ва заиф огоҳии комил дошт, матнҳои ҳадисро ёд дошт ва ӯ дар ҳозир кардани ҳадис ва аз он ҳуҷҷатҳо баровардан аҷиб буд. Ва нисбат додани ҳадис ба китобҳои шашгона ва муснад ба ӯ ба поён мерасид, ба ҳайсияте ки рост меояд, ки бар ӯ гуфта шавад: Ҳар ҳадисеро ки Ибни Таймия намедонад, пас он ҳадис нест. Ва локин илми фарогир аз они Аллоҳ аст, ҷуз ин ки ӯ аз баҳр панҷа мезанад ва дигар имомҳо аз ҷӯи об панҷа мезананд".

Ва оиди ӯ Камолуддин ибни Замлаконии шофеӣ мегӯяд: "Ҳаргоҳ аз фанне аз фанҳо пурсида мешуд, бинанда ва шунаванда гумон мекард, ки ҷуз ин фанро намедонад ва ҳукм мекунад, ки ягон нафар монанди ин намедонад ва донишмандони дигар тоифаҳо ҳаргоҳ бо ӯ менишастанд дар соири мазҳабҳояшон аз ӯ истифода мебурданд... ва дониста нашудааст, ки ӯ бо касе мунозара карда, пас мағлуб шуда бошад. Дар илме аз илмҳо сухан намекард, магар ки аҳли он ва ба он мансуб будагиҳоро олӣ мешуд ва дар таълифи нек ва ибораи накӯ қудрату тавоноӣ дошт".

Ва Ҳофиз Фатҳуддин ибни Сайидиннос оиди ӯ мегӯяд: "Наздик буд, ки суннатҳо ва осорро аз рӯи ҳифз фаро гирифта буд, ҳаргоҳ дар тафсир сухан мекард, пас ӯ бардорандаи парчами он буд, ё дар фиқҳ фатво медод, пас ӯ ғояти онро дарк мекард, ё ҳадисро зикр мекард, пас ӯ соҳиби илм ва ривояти он буд, дар ҳар фан бар донишмандони он бартарӣ дошт. Чашми касе монанди ӯро надида ва на чашмаш монанди ӯро дидааст".

Ва оиди ӯ шайх Тақиюддин ибни Дақиқи ал-Ид мегӯяд: "Мардеро дидам, ки соири илмҳо дар пеши чашмонаш аст, чизе аз онро хоҳад мегирад ва чизе аз онро хоҳад тарк мекунад".

Ва оиди ӯ Ҳофиз Абӯлҳаҷоҷ ал-Миззӣ мегӯяд: "Монанди ӯро надидам ва на ӯ монанди худашро дидааст ва ягон нафарро надидам, ки ба китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ӯ донотар бошад ва на пайравтар ба он ду бошад".

Хулоса, сухан аз илм, маърифат ва диндории ӯ сухани дароз мешавад ва дар монанди ин варақҳо ҳаққи ӯро вафо намекунем, барои ин ба он суханони олимон, ки тақдим кардем иктифо мекунем ва онро ба сухани Ҳофизи Заҳабӣ хатм мекунем.

Ҳофизи Заҳабӣ оиди ӯ мегӯяд: "Шайхи мо ва шайхи Ислом ва беҳамтои замони худ аз рӯи илму маърифат, шуҷоат, ҳушмандӣ, равшангари илоҳӣ, саховат, насиҳат барои уммат, амри ба маъруф ва наҳй аз мункар. Ҳадисро шунавид ва ба нафсаш аз талаби он бештар кард ва навист ва тахриҷ кард

ва дар мардон ва табақаҳо назар кард ва он чизе ҳосил кард, ки дигарон ҳосил накарданд ва дар тафсири Қуръон бартар шуд ва дар маъноҳои дақиқи он фурӯ рафт ва аз он чизҳое баровард, ки пеш аз ӯ касе набаровардa буд. Ва дар ҳадис ва ҳифзи он бартар шуд, пас кам аст касоне ки ҳадисро ҳифз мекунад, дар ҳоле ки онро ба усул ва саҳобии он нисбат медиҳад.

Ва дар маърифати фиқҳ ва ихтилофи мазҳабҳо ва фатвоҳои саҳобагон ва тобеъинҳо аз мардум бартарӣ дошт, ба ҳайсияте ки ҳаргоҳ фатво медод, ба мазҳабе пойбанд намешуд, балки ба фатвое ки далелаш дар наздаш саҳеҳ мебуд, сухан мекард.

Ва суннатро ба возеҳтарини ҳуҷҷатҳо ва равшантарини далелҳо нусрат дод ва дар зоти Аллоҳ аз тарафи мухолифон озор дода шуд ва дар нашри суннати маҳз тарс дода шуд, то ки Аллоҳ чароғи ӯро олӣ гардонд ва дилҳои парҳезгоронро бар муҳаббати ӯ ва барои ӯ дуо кардан ҷамъ овард. Ва дилҳои подшоҳон ва амиронро бештари вақт бар тобеъи ӯ шудан ва бар итоати ӯ гардонд ва Аллоҳ ба сабаби ӯ Шом, балки Исломро эҳё кард, пас аз

он ки вақте ҳизби Татар ва саркаш дар хаёлоташон ҳуҷум карданд, наздик буд, ки Шом хароб шавад. Ва некиҳои ӯ бисёр аст ва ӯ бузургтар аз ин аст, ки мисли ман аз саргузашти ӯ огоҳ намояд, пас агар дар байни рукн ва мақом савганд ёд кунам, ҳароина савганд ёд мекунам, ки ба чашмонам монанди ӯро надидам ва ин ки ӯ монанди худашро надидааст".

Пас аз марде ки ин мақоми ӯст, чиро интизор мешавем?

Аз ӯ баҷо овардани ҳаққи Аллоҳро дар он илму маърифате, ки Аллоҳ ба ӯ додааст, интизор мешавем.

Ва ба ростӣ гуфт: Шайхи Ислом дар роҳи нусрати ҳақ ва аз байн бурдани ботил дар ҳақиқат ҷиҳод кард ва он ибтилоҳо ва дасисаҳое, ки бар ӯ пеш омад, ӯро аз ин боз надошт. Ва чанд бор зиндони шудани Шайхи Ислом ва муомилаҳои баде, ки дар он ба ӯ пеш меомад, ӯро аз гуфтани сухани ҳақ дур намекард ва такон намедод (яъне дар раъю ақидааш устувору побарҷо буд), чун ҳақ ҳаргоҳ дар дилҳо омехта шавад, пас касе ҳақро аз

дилҳо берун карда наметавонад, ҷуз зоте ки дар дилҳо тасарруф дорад. Ва оиди ин мегуфт:

"Душманони ман ба ман чӣ мекунанд, ҷаннату бустони ман дар садри ман аст, куҷое равам он бо ман аст, агар маро ҳабс кунанд, ҳабс хилват аст ва агар аз шаҳрам хориҷ кунанд, пас баромадани ман сиёҳат аст ва агар маро бикушанд, пас қатли ман ба шаҳодат расидан аст".

Шайхи Ислом олиме набуд, ки танҳо далелҳо ва аҳкомро аз ёд карда буд, балки дар ҳақиқат муҷоҳид буд, бо дасту шамшераш ҷиҳод кард, бо татарҳое, ки аз шариатҳои Ислом хориҷ шуданд, ҷиҳод кард, ҳамонгуна ки бо муртадҳо ва мубтадиъҳои аз Ислом хориҷшуда ҷиҳод кард ва амри ба маъруф ва наҳй аз мункар мекард. Ва мункарро ба дасташ тағйир медод, ҳамчуноне ки ба забонаш тағйир медод. Ибни Касир дар ҳодисаҳои соли 699 ҳиҷрӣ, дар ҳабдаҳуми моҳи раҷаб зикр мекунад, ки шайх Тақиюддин раҳимаҳуллоҳ ва ёронаш бар майкадаҳо ва дуконҳои майфурушӣ гаштанд, пас зарфҳои майҳоро шикастанд ва майҳоро рехтанд ва ҷамоате аз аҳли майкадаҳоро ки

даст ба ин фаҳшо зада буданд, сарзаниш карданд, пас мардум ба ин амали онҳо шод шуданд.

Шайхи Ислом китобҳо ва рисолаҳое таълиф намуд, ки бар иттилои васеъ ва маърифати пурраи ӯ ба суханони саҳобагон, тобеъин ва пайравони тобеъин гувоҳӣ медиҳад, ҳамчунон ба маърифати гуфтаҳои имомон, ки дар шаҳрҳо эътимоди фатво бар онон аст, гувоҳӣ медиҳад. Ва боз ин китобҳо ба пурра чанг задани ӯ ба далели саҳеҳ ва ба тақдими он бар ҳамаи гуфтаҳои мардум гувоҳӣ медиҳад. Барои Ибни Таймия дар ҳамасронаш ва дар касе ки баъди вай омад, аз ҷумла касоне ки роҳи салафи солеҳ, аҳли суннат ва ҷамоатро пеша карданд, таъсири расое буд.

Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ соли 728 ҳиҷрӣ дар ҳоле ки дар зиндон буд, пас аз ҳаёте ки пур аз илму амали солеҳ ва дифоъ аз ҳақ ва бар ботил мубориза бурдан, буд, вафот кард. Аллоҳ ӯро раҳмати васеъ ва савобу атои фаровоне насиб кунад.

(Бештари тарҷумаи ҳоли ӯро аз китоби "Ибни Таймия"-и доктор Муҳаммадюсуф Мусо нақл кардем)

**Ин рисола:**

Ин рисола ҳаҷми хурд ва қадри бузург дорад, замоне онро хондам ва фоида бурдам ва дар нашр ва таҳқиқи он рағбат намудам. Шайхи Ислом ба услуби имтиёзноки худ ва ба ҳуҷҷатҳои равшану мустақимаш дар ин рисола баёни мавзӯи муҳиммеро тақдим кардааст, ки гурӯҳи бисёри мардум дар он гумроҳ гаштаанд.

Шайхи Ислом дар ин рисола ба баёни ҳақиқати вилоят диққат додааст ва ин ки валии Аллоҳ нест, ҷуз касе ки онро пайравӣ намояд ва тоати Аллоҳ ва расулашро дар зоҳиру ботин лозим гирад.

Сипас баён намуд, ки амале ки аз девонагон ва беақлон сар мезанад, саҳеҳ нест ва онро амал шуморида намешавад. Аз ин бармеояд, ки девонагӣ ва беақлӣ роҳе ба сӯи вилоят ва кароматӣ Аллоҳ буданаш, мамнӯъ мебошад. Шайхи Ислом бар ин диққат дода ва онро бо тафсил баён карда ва барои он ба ҳуҷҷатҳои равшани мустақим ба равише ҳуҷҷатоварӣ кардааст, ки бар ҳар хонанда фаҳму фаро гирифтани он осон мебошад. Аз инҷо аҳамияти рисола маълум мегардад.

Ибни Таймия дар ин рисола, дар ҳоле ки қасди баёни мавзӯи аслӣ ва тавзеҳи онро дошт, ба бисёри мавзӯъҳои муҳим огоҳӣ додааст, монанди:

Ҳукмҳои намоз ва манзалати он дар дин.

Ҳукми касе ки ҷумъа ва ҷамоатҳоро тарк мекунад.

Ҳукми касе ки валӣ будани касеро, ки фарзҳоро баҷо намеорад ва даст ба ҳаромкардаҳо мезанад, эътиқод дорад.

Ҳукми касе ки ақлаш рафтааст.

Ҳукми намози хоболуд.

Ҳукми таклифи касе ки ақлаш ба сабаби истеъмоли ҳаром, аз байн рафтааст.

Ҳукми исломи девона ё куфри вай.

Шартҳои вилоят (валӣ).

Рафтори бар хилофи одат, далели валигӣ нест, ҳаргоҳ соҳиби он шариати нозилшударо хилоф намояд.

Узр ба нодонӣ ва қоидаҳои он.

Ҳукми касе ки боре бо Аллоҳ дӯстӣ мекунад ва боре бо шайтон. Ва ҷуз ин аз мавзӯъҳои муҳим, ки

барои мусалмоне ки бар маърифати динаш ҳарис аст, набояд ки аз он ғофил бошад.

Пас Аллоҳ Шайхи Исломро раҳмати васеъ намояд ва ба ӯ ҷазои беҳтаринро насиб гардонад.

**Танбеҳ:**

**Якум:** Ин рисола аз "Маҷмӯъ-ул-фатово" гирифта шуда ва номаш дар онҷо "Масъалатун фи-т-тибоъи-р-расул би сареҳ-ил-маъқул" мебошад.

Ман оиди ин ном андеша кардам, пас онро таъбиргарӣ он чизе ки ин рисола дарбар мегирад, наёфтам ва ман бовар надорам, ки ин номгузорӣ аз ҷониби Шайхи Ислом бошад, барои ин унвони рисоларо тағйир додам, ба он чизе ки муносиб дидам, ки он  баёнгарӣ худи рисола аст.

Онро "**Авлиёуллоҳ уқало лайсу маҷонин**", яъне "**Авлиёи Аллоҳ оқилонанд на девонагон**" ном гузоштам. Агар медонистам, ки ин номгузорӣ аз ҷониби шайх сурат гирифтааст, ҳарфе аз онро тағйир намедодам.

**Дуюм:** Бар ҳар банд ё чанд банд унвон гузоштам, унвоне ки ихтиёр шуд, барои он муносиб ва

баёнгарӣ он дидам ва онро дар миёни ду аломати инчунин [  ] гузоштам.

**Сеюм:** Ҳар сухане, ки дар миёни ду аломати чунин [   ] аст, пас онро ман барои тавзеҳ ва ё барои ин ки гумон кардам равиши ҷумла бар он тақозо мекунад, афзудам.

Аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дархост мекунам, ки аз кутоҳиҳое, ки ман дар ин амал кардам, аз ман гузарад ва дар ғайри ин барои ман аҷри бузург диҳад ва моро аз аҳли илму амал ва ихлос қарор диҳад, ҳамоно Ӯ шунавои қариб аст.

**Муҳаммад Шокир ал-Шариф**

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки парвардигори оламиён аст ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона асту шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст саллаллоҳу алайҳи ва саллама таслиман касиро.

[ **Рисолат барои ҳамаи мукаллафҳо аст** ]

Аммо баъд: Бидон, ки бар ҳар болиғу оқил аз инсу ҷин воҷиб аст, ки шаҳодат диҳад, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст, Аллоҳ ӯро ба ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то онро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад ва кофӣ аст, ки Аллоҳ гувоҳ бошад.

Аллоҳ ӯро ба сӯи ҳамаи халқ, инси онон ва ҷинни онон ва арабу аҷам ва форсу ҳинд ва барбару румии онон ва дигар тоифаҳои аҷам, сиёҳ ва сафеди онон фиристод. Ва мурод ба аҷам касест, ки арабӣ нест, новобаста бар ихтилофи забонҳояшон.

[ **Рисолат дар таклиф умуми аст** ]

Пас Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи ҳар яки инсу ҷин, аҳли китоби онҳо ва ғайри

аҳли китоби онҳо фиристода шуд, дар ҳар чизе ки ба дини Ӯ аз умури ботини ва зоҳирӣ вобаста аст, дар ақидаҳо, ҳақиқатҳо, тариқаҳо ва шариатҳои Ӯ. Пас ақидае ҷуз ақидаи Ӯ, ва ҳақиқате ҷуз ҳақиқати Ӯ ва роҳе ҷуз роҳи Ӯ ва шариате ҷуз шариати Ӯ нест. Ва ягон махлуқ ба сӯи Аллоҳ ва ба ризвон, Ҷаннат, каромат ва вилояти Ӯ намерасад, магар ба пайравии Ӯ дар ботину зоҳир, дар гуфтор ва кирдорҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, дар гуфтори қалб ва ақидаҳои он ва аҳволи қалб ва ҳақиқатҳои[1] он ва гуфтори забон ва амалҳои аъзои бадан.

## [ **Шартҳои вилоят (валигӣ)** ]

Валии Аллоҳ нест, ҷуз касе ки Ӯро ботинан ва зоҳиран пайравӣ мекунад, пас аз умури ғайбие, ки хабар додааст, Ӯро тасдиқ мекунад ва тоати Ӯро дар он чизе ки бар халқ аз адои воҷибҳо ва тарки ҳаромшудаҳо фарз гардондааст, бар худ лозим мегирад.

---

[1] Қавли қалб: Тасдиқ кардани он чизе ки аз ҷониби Аллоҳ ва аз ҷониби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, мебошад. Аҳволи қалб: Амалҳои қалб аст, монанди муҳаббати Аллоҳ ва расулаш ва бар Аллоҳ таваккул кардан ва динро холис барои Аллоҳ кардан ва ҳамонанди ин.

Пас касе ки хабари Ӯро тасдиқ намекунад ва тоати Ӯро дар чизе ки воҷиб гардонда ва амр карда аст дар умури ботиние, ки дар қалбҳост ва амалҳои зоҳирие, ки бар баданҳост, лозим намегирад, мӯъмин намебошад, чӣ гӯи ки дӯсту валии Аллоҳ бошад.

Агар барои вай аз рафтори хилофи одат чизе ҳосил шавад, шояд чизе ҳосил шавад, пас вай бо вуҷуди тарк карданаш феъли амршуда ва ҳаромро тарк накарданаш, яъне адои фарзкардаҳо аз намоз ва ғайри он ба таҳорат ва воҷибҳояш, магар ки вай аз аҳли аҳволи шайтонӣ аст, ки соҳибашро аз Аллоҳ дуркунандаву ба сӯи ғазабу азоби Аллоҳ наздиккунанда аст, мебошад. Локин кӯдакон ва девонагоне ки аз аҳли таклиф нестанд, қалам аз онон бардошта шудааст, пас иқоб карда намешаванд[2] ва онҳо дорои имони ба Аллоҳ ва тақвои Ӯ

---

[2] Дар иқоб нашудани ин тоифаҳо он чизеро, ки Бухорӣ ба таври муаллақ дар Саҳеҳаш зикр карда, омадааст: "Алӣ барои Умар разияллоҳу анҳу гуфт: Оё намедонӣ, ки қалам аз девона бардошта шудааст, то ки ҳушёр шавад ва аз кӯдак бардошта шудааст, то ки дарк кунад ва аз шахси хоб бардошта шудааст, то ки бедор шавад". Ин ҳадиси мавқуф аст ва бо вуҷуди ин "он марфӯъи ҳукмӣ аст", ҳамчуноне ки Ибни Ҳаҷар гуфта аст. Ин матн ба таври марфӯъ ва мавқуф аз чанд тариқ ривоят шуда аст ва Насоӣ мавқуф будани онро тарҷеҳ додааст. Ва Ибни Ҳаҷар аз марфӯъи он мегӯяд: "Ин тариқҳо якдигарро қувват мебахшанд". Гуфт:

аз рӯи ботину зоҳир нестанд, ки ба сабаби он аз ҷумлаи авлиёи парҳезгори Аллоҳ ва ҳизби наҷотёфтаи Ӯ ва лашкари пирӯзи Ӯ бошанд, локин дар Ислом аз рӯи мутобаати падаронашон дохил мешаванд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَٱتَّبَعَتۡهُمۡ ذُرِّيَّتُهُم بِإِيمَٰنٍ أَلۡحَقۡنَا بِهِمۡ ذُرِّيَّتَهُمۡ وَمَآ أَلَتۡنَٰهُم مِّنۡ عَمَلِهِم مِّن شَيۡءٖۚ كُلُّ ٱمۡرِيِٕۭ بِمَا كَسَبَ رَهِينٞ ﴾ الطور: ٢١

**"Ва касоне ки имон оварданд ва фарзандонашон (низ) дар имон аз онон пайравӣ карданд, фарзандонашонро (дар Биҳишт) ба онҳо мепайвандем ва аз амали онҳо чизе кам намекунем ва ҳар кас дар гарави дастовард (ва аъмоли) худ аст**". (Сураи Тур, ояти: 21)

---

"Фақеҳҳо ба талаботи ин ҳадисҳо чанг задаанд, локин Ибни Ҳиббон зикр кард, ки мурод ба бардоштани қалам, нанавистани шарри онон аст, на хайрашон. Ва шайхи мо дар шарҳи Тирмизӣ (яъне Ҳофизи Ироқӣ) гуфт: Ин дар кӯдак маълум аст, на дар девонаву шахси дар хоб, чаро онон дар ҷои касеанд, ки қобили дуруст шудани ибодат аз вай нест, барои шуъур надоштанашон". (Фатҳ-ул-борӣ, 12\124).

Ва Шавконӣ гуфт: "Ҳадиси бардошта шудани қалам аз се тоифа, агарчи дар тариқҳояш мақол аст, локин он бо бисёрии тариқҳояш, аз қисми ҳадиси ҳасан аст ва ба эътибори онро уммат қабул кардан, байни ба он амалкун ва таъвилкун, далели қатъӣ гашт". (Иршод-ул-фуҳул, 11)

Мегӯям: Иқоб накардани инҳо аз лозим шудани хунбаҳои ҷиноятошон ва зомин шудани қимати он чизеро, ки талаф додаанд, манъ намекунад, чаро инҳо аз аҳкоми вазъиянд ва онҳо аз аҳкоми таклифӣ аст.

## [ Манзилати ақл нисбат ба имон ]

Ва онон бо беақлияшон аз касоне нестанд, ки дар дилҳояшон ҳақоиқи имон ва маърифатҳои аҳли вилояти Аллоҳ ва аҳволи хоссаҳои Аллоҳ бошад, зеро ҳамаи ин умур ба ақл шарт гузошта шудааст. Пас девонагӣ зидди ақл, тасдиқ, маърифат, яқин, ҳидоят ва сано мебошад. Ва албатта Аллоҳ дараҷаи касонеро, ки имон оварданд ва касонеро, ки илм дода шуданд, мебардорад. Пас агарчи Аллоҳ девонаро иқоб намекунад ва ӯро дар охират раҳмат мекунад, пас ӯ аз авлиёи наздики Аллоҳ ва миёнаравоне, ки Аллоҳ дараҷаҳои ононро мебардорад, намебошад.

## [Ҳукми касе ки валӣ будани касеро, ки фарзҳоро баҷо намеорад ва даст ба ҳаромкардаҳо мезанад, эътиқод дорад ]

Ва касе гумон кунад, ки нафаре аз инҳое, ки воҷибҳоро адо намекунанд ва ҳаромҳоро тарк намекунанд, хоҳ оқил бошад, ё девона, ё аз ақл бегонашуда, ё саргардон[3], пас касе дар яке аз инҳо

[3] ал-Валаҳ: аз ақл бегона шудан ва саргардонӣ аст. Ва гоҳо ин аз муҳаббати сахт ё андӯҳи сахт ё тарси сахт сурат мегирад. Ва барои баъзеи мардум ин дар

эътиқод кунад, ки аз авлиёи парҳезгори Аллоҳ ва ҳизби наҷотёфтаи Ӯ ва бандагони накукори Ӯ ва лашкари ғолиби Ӯ, собиқону наздикон ва миёнаравонеанд, ки Аллоҳ дараҷаҳои ононро ба илму имон мебардорад, ҳастанд, бо вуҷуде ки воҷибҳоро адо намекунад ва ҳаромҳоро тарк намекунад, касе ба авлиёгии монанди инро эътиқод кунад кофиру аз дини Ислом хориҷшуда аст, гувоҳӣ ин нест, ки Муҳаммад Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, балки ӯ дурӯғшуморандаи Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он чизе ки ба он шаҳодат додааст мебошад, чаро ки Муҳаммад аз ҷониби Аллоҳ хабар дод, ки авлиёи Аллоҳ ҳамон парҳезгорону мӯъминон ҳастанд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ أَلَآ إِنَّ أَوْلِيَآءَ ٱللَّهِ لَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿٦٢﴾ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَكَانُوا۟ يَتَّقُونَ ﴿٦٣﴾ ﴾ يونس: ٦٢ - ٦٣

**"Огоҳ бошед! Ҳамоно дӯстони Аллоҳ на тарсе бар онҳост ва на онҳо андӯҳгин мешаванд, онҳо**

---

ҳақиқат воқеъ мешавад ва баъзеашон худашон чунин мекунанд, вақте гумон дорад, ки ин далел бар авлиёгӣ аст.

**касонеанд, ки имон оварданд ва парҳезгорӣ мекарданд**". (Сураи Юнус, ояти: 62-63)

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّا خَلَقۡنَٰكُم مِّن ذَكَرٖ وَأُنثَىٰ وَجَعَلۡنَٰكُمۡ شُعُوبٗا وَقَبَآئِلَ لِتَعَارَفُوٓاْۚ إِنَّ أَكۡرَمَكُمۡ عِندَ ٱللَّهِ أَتۡقَىٰكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٞ ﴾ الحجرات: ١٣

"**Эй мардум! Бешак Мо шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо шаъбҳо ва қабилаҳо қарор додем, то якдигарро бишиносед, албатта гиромитарини шумо дар назди Аллоҳ парҳезгортарини шумо аст, ҳамоно Аллоҳ донои огоҳ аст**". (Сураи Ҳуҷурот, ояти: 13)

Ва тақво ин аст, ки мард тоати Аллоҳро ба нуре аз ҷониби Аллоҳ баҷо меораду раҳмати Аллоҳро умед мекунад ва ин ки маъсияти Аллоҳро ба нуре аз ҷониби Аллоҳ тарк мекунаду аз азоби Аллоҳ метарсад(4) ва дӯсти Аллоҳ ба Аллоҳ наздик намешавад, магар ба баҷо овардани фарзҳои Ӯ,

---

(4) Ин таърифи тақво аз сухани тобеъии бузург Талқ ибни Ҳабиб аст, аз вай Абӯнуъайми Ҳофиз ба санадаш ривоят карда гуфт: Бакр ибни Абдуллоҳ бо Талқ ибни Ҳабиб вохӯрда ба Талқ гуфт: Ба мо тақворо ба андак сифате васф намо, онро ҳифз кунем, пас гуфт: Тоати Аллоҳро ба нуре аз ҷониби Аллоҳ ба ҷо ор, ки савоби Аллоҳро умед мекунӣ ва тақво тарк кардани маъсияти Аллоҳ ба нуре аз ҷониби Аллоҳ аст, ки аз азоби Аллоҳ азза ва ҷалла тарсидан аст.

сипас ба баҷо овардани нафлҳои Ӯст. Аллоҳ таъоло мефармояд: "**Ва бандаи Ман ба сӯи Ман наздик намешавад ба мисли баҷо овардани он чизе ки бар вай фарз гардондаам ва ҳамеша бандаи Ман ба сӯи Ман ба адои нафлҳо наздик мешавад, то ки ӯро дӯст медорам**" ҳамонгуна ки дар ҳадиси саҳеҳи илоҳӣ омадааст, ки онро Бухорӣ ривоят кардааст[5].

## Фасл

## [ Ҳукмҳои намоз ва манзалати он дар дин ]

Аз маҳбубтарини амалҳо дар назди Аллоҳ ва бузургтарини фарзҳо дар назди Ӯ намозҳои панҷвақта дар вақташ аст ва он аввалин амалест, ки банда дар рӯзи қиёмат аз он ҳисоб карда мешавад[6].

---

[5] Ҷузъе аз ҳадисест, ки Бухорӣ дар Саҳеҳаш аз ҳадиси Абӯҳурайра дар китоби Риқоқ, дар боби тавозӯъ (Фатҳ-ул-борӣ, 11/348) ривоят кардааст. Ва насси ин ҷузъ дар назди вай чунин аст: "**Ва дар назди Ман маҳбубтарин чизе ки бандаи Ман ба воситаи он ба Ман наздикӣ меҷӯяд, он чизест, ки бар вай фарз гардонидаам**".

[6] "Аввалин чизе ки мардум аз он дар рӯзи қиёмат аз амалҳояшон ҳисоб мешаванд, намоз аст" то охири ҳадис. Инро Аҳмад (2/290-425) ва Абӯдовуд (3/116) ривоят карда ва аз он сукут кард, ва Ҳоким (1/262 дар Мустадрак) ва онро саҳеҳ гуфтааст ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст. Ва Ибни Моҷа (1/435-436) ва Насоӣ (1/232) ва Тирмизӣ (2/463) ва дигарон ривоят кардаанд. Ва он аз Абӯҳурайра ва Тамими Дорӣ ривоятшуда ва он иншоаллоҳ ҳадиси саҳеҳ аст. Ва

Ва намоз ибодатест, ки Аллоҳ таъоло худаш дар шаби Меъроҷ фарз гардонид ва дар байни худ ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам воситае қарор надод.

Ва он сутуни Ислом аст, ки Ислом бе он қоим намешавад.

Ва он муҳимтарини амри дин аст, ҳамчуноне ки амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб ба коргаронаш менавист: "Албатта муҳимтарин амри шумо дар назди ман намоз аст, пас касе онро ҳифз кунад ва бар он муҳофизат кунад, динашро ҳифз кардааст ва касе онро зоеъ намояд, дигар амалаш зоеътар мебошад"[7].

---

дар яке аз ривоятҳои Абӯҳурайра лафзе зиёд омадааст ва он "пас агар (намоз) ба салоҳ ояд, пас наҷот меёбад ва агар фосид шавад, пас зарару зиён мебинад". Ва ин зиёдатӣ баъди омӯхтани тариқаҳои ҳадис бароям маълум гашт, ки ин зиёдатӣ саҳеҳ нест. Ин ҳадис боз аз Анас ва Абӯсаъиди Худрӣ ривоят шуда вале саҳеҳ нест-Аллоҳ донотар аст-аз ҳадиси кадоми аз ин ду бошад, аз рӯи хилофи он чизе ки шайх Албонӣ зикр кардааст.

(7) Инро Молик дар Муватта (1/24, Танвирул ҳаволик) ривоят кард ва аз тариқи вай Байҳақӣ дар Сунан ривоят кардааст. Гуфт: Молик аз Нофеъ мавлои Абдуллоҳ ибни Умар ин ки Умар ибни Хаттоб гуфт, пас онро зикр кард. Ин иснод мунқатеъ аст, пас Нофеъ Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳуро дарк накардааст.

Ва дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Байни банда ва байни ширк тарки намоз аст**"[8].

Ва фармуд: "**Аҳде ки дар миёни мо ва байни онҳост намоз аст, пас касе онро тарк кунад, пас кофир мешавад**"[9].

Касе фарз будани намозро бар ҳар оқилу болиғ ҷуз ҳоиз ва нуфасо эътиқод накунад, пас вай ба иттифоқи имомҳои мусалмонон кофиру муртад аст.

Ва агар эътиқод намояд, ки он амали нек аст ва Аллоҳ онро дӯст медорад ва бар он савоб медиҳад ва бо вуҷди ин намоз хонад ва шаб зиндадорӣ намояд ва рӯзона рӯза гирад ва бо вуҷуди ин фарз будани онро бар ҳар болиғ эътиқод накунад, пас

---

[8] Инро Муслим дар Саҳеҳаш (2/71, шарҳи Нававӣ) аз ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст ва лафзи он: "Байни мард ва байни ширк ва куфр тарки намоз аст". Нававӣ гуфт: "Инчунин он дар ҳамаи усул аз Саҳеҳи Муслим ширк ва куфр ба ҳарфи вов аст ва дар Мустахраҷи Абӯувона ва Абӯнуъайми Исфаҳонӣ: Ё куфр, ба ҳарфи ё ва барои ҳар якеи ин ду ваҷҳе аст". Мегуям: Ва инро Тирмизӣ (7/367) низ ба лафзи "авилкуфр- ё куфр" ривоят кардааст ва инчунин Абӯнуъайм дар Ҳуля (8/256) ривоят кардааст. Ва Муборакфурӣ дар шарҳи Тирмизӣ зикр кард, ки Муҳаммад ибни Наср онро дар китоби намоз ва дар он низ лафзи "ав-ё" омадааст.

[9] Инро Тирмизӣ (7/369) ва Насоӣ (1/231-232) ва Ибни Моҷа (1/333) ҳамагӣ аз ҳадиси Бурайда ривоят кардаанд ва Тирмизӣ гуфт: "Ин ҳадиси ҳасану саҳеҳу ғариб аст".

вай низ кофиру муртад аст, то ки фарз будани онро бар ҳар болиғу оқил эътиқод намояд.

## [ **Ақидаҳои куфрие, ки дар байни мардум паҳн шудааст** ]

Ва касе эътиқод намояд, ки аз баъзе шайхҳои ориф ва кашфкун ва васлкунҳо намоз соқит мешавад ё барои Аллоҳ бандагони хосс аст, ки бар онҳо намоз фарз намегардад, балки аз онҳо барои ба ҳазрати Қудус расиданашон аз онҳо соқит шуда аст, ё онон аз намоз бениёзанд, ба чизе ки аз намоз дида муҳимтар ё беҳтар аст, ё мақсад ҳозир будани қалб бо Парвардигор аст, ё ки дар намоз парокандагӣ аст, ҳаргоҳ банда дар ҷамъияташ бо Аллоҳ бошад, пас ба намоз эҳтиёҷ надорад, балки мақсад аз намоз ҳамон маърифат аст, пас ҳаргоҳ маърифат ҳосил шавад, ба намоз муҳтоҷ намешавад. Мақсад ин ки барои ту рафтори хилофи одат сурат гирад, монанди дар ҳаво паридан ва бар болои об роҳ рафтан, ё зарфи обро аз ҳаво об пур

кардан, ё обро ба замин фурӯ бурдан[10] ва аз зери он канзҳоро берун овардан ва ба ҳолатҳои шайтонӣ куштани касеро, ки бад мебинад, пас ҳаргоҳ барои вай ин ҳосил шавад, аз намоз ва монанди он бениёз мегардад. Ё ин ки барои Аллоҳ мардоне хоссе аст, ки ба пайравии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мӯҳтоҷ нестанд, балки аз Ӯ бениёз ҳастанд, ҳамчуноне ки Хизр аз Мусо бениёз аст, ё ки ҳар касе кашф намояд ва дар ҳаво бипарад ё бар болои об биравад, пас ӯ валӣ аст, хоҳ намоз гузорад ё намоз нагузорад. Ё эътиқод кунад, ки намоз бетаҳорат қабул мешавад. Ё ин ки аз ақл бегона шудагон ва саргардонҳо ва девонагоне ки дар қабристонҳо ва партовгоҳҳо ва таҳоратҳо[11] ва майкадаҳо ва ҷойҳои ахлотҳо ва дигар

---

[10] Тағвиру-л-миёҳ: Обро дар замин фурӯ бурдан. Гуфта мешавад: Ғоралмоу ғавран: Об ба замин фурӯ рафт ва оби ба зери замин фурӯ рафта, ки ба он даст ёфта намешавад.

[11] Таҳоратҳо: Маънои ин лафзро дар инҷо намедонам ва равиши сухан тақозо мекунад, ки дар бадали он лафзи "наҷосатҳо" бошад ва инчунин лафзи "алхонот" шояд он таҳрифшуда аз "ҳамомот" бошад, хоссатан ҳаргоҳ инро наздик кунем ба ҷумлаи монанди ин аз сухани Шайхи Ислом замоне ки аз маконҳое, ки шайтонҳо ва касе ки ба онон наздик мешавад, ҷойю макон мегиранд, сухан мекунад. Пас мегӯяд: Барои ин бисёр вақт дар ҷойҳои хароб ва саҳроҳо ёфта мешаванд ва дар ҷойҳои наҷосатҳо ёфта мешаванд, монанди ҳамомҳо ва халоҷоҳо ва партовҳо ва ҷойҳои ахлот ва мақбараҳо. (Изоҳ-уд-далола, 25-26)

ҷойҳо ва онҳо таҳорат намекунанд ва намозҳои фарзҳоро намехонанд, пас касе эътиқод кунад, ки инҳо авлиёи Аллоҳ ҳастанд, пас вай ба иттифоқи имомҳои Ислом кофиру аз дини Ислом гаштааст ва агарчи худаш зоҳиду обид бошад, пас роҳибон зоҳидтар ва обидтар ҳастанд, ва ба бисёри чизҳое ки Расул оварда буд, имон доштанд ва бештари онон Расул ва пайравони Ӯро таъзим мекунанд ва локин онҳо ба ҳамаи он чизе ки оварда буд, имон новаранданд, балки ба баъзеаш имон оваранд ва ба баъзеаш кофир шуданд. Пас ба сабаби ин кофир шуданд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡفُرُونَ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيُرِيدُونَ أَن يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ ٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَيَقُولُونَ نُؤۡمِنُ بِبَعۡضٖ وَنَكۡفُرُ بِبَعۡضٖ وَيُرِيدُونَ أَن يَتَّخِذُواْ بَيۡنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا ١٥٠ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ حَقّٗاۚ وَأَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٗا مُّهِينٗا ١٥١ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦ وَلَمۡ يُفَرِّقُواْ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ أُوْلَٰٓئِكَ سَوۡفَ يُؤۡتِيهِمۡ أُجُورَهُمۡۚ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ﴾ النساء: ١٥٠ – ١٥٢

"**Ҳамоно касоне ки ба Аллоҳ ва паёмбаронаш куфр меварзанд ва мехоҳанд миёни Аллоҳ ва паёмбаронаш ҷудоӣ бияндозанд ва мегӯянд: Ба баъзе имон меорем ва баъзеро инкор мекунем ва мехоҳанд байни ин (ва он) роҳе (барои худ) интихоб кунанд. Онҳо дар ҳақиқат кофиранд ва барои кофирон азоби хоркунандае омода кардаем. Ва касоне ки ба Аллоҳ ва паёмбаронаш имон оварда ва миёни ҳеҷ яки аз онҳо ҷудоӣ намеандозад. Ба зуди инонро (Аллоҳ) подошашонро хоҳад дод ва Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст**". (Сураи Нисо, ояти: 150-152)

## [ Манзалати ақл дар Ислом ]

Касе ки аз ақл бегона шуда бошад ё девона бошад, пас қалам аз ӯ бардошта шудааст, пас бар вай иқоб нест ва имону намоз ва чизе аз амалҳои вай саҳеҳ намебошад. Ҳамоно ҳамаи амалҳо қабул намешавад, магар ҳамроҳи ақл. Пас касе ақл надорад, чизе аз ибодатҳои фарзияш ва нафлияш саҳеҳ намешавад ва касе ки дорои ибодатҳои фарзӣ ва нафлӣ нест, аз авлиёи Аллоҳ намебошад. Барои ин Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّأُوْلِي ٱلنُّهَىٰ ﴾ طه: ٥٤

"**Албатта дар ин (умур) нишонаҳое барои боақлон аст**". (Сураи Тоҳо, ояти: 54)

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ هَلۡ فِي ذَٰلِكَ قَسَمٞ لِّذِي حِجۡرٍ ﴾ الفجر: ٥

"**Оё дар ин чизҳо савганде барои соҳиби ақл нест**". (Сураи Фаҷр, ояти: 5)

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ وَٱتَّقُونِ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَلۡبَٰبِ ﴾ البقرة: ١٩٧

"**Эй хирадмандон аз Ман бипарҳезед**". (Сураи Бақара, ояти: 197)

Ва фармуд:

﴿ إِنَّ شَرَّ ٱلدَّوَآبِّ عِندَ ٱللَّهِ ٱلصُّمُّ ٱلۡبُكۡمُ ٱلَّذِينَ لَا يَعۡقِلُونَ ﴾ الأنفال: ٢٢

"**Ҳамоно бадтарини ҷунбандагон дар назди Аллоҳ (афроди) кар ва гунге ҳастанд, ки намеандешанд**". (Сураи Анфол, ояти: 22)

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ قُرۡءَٰنًا عَرَبِيّٗا لَّعَلَّكُمۡ تَعۡقِلُونَ ﴾ يوسف: ٢

"**Ҳамоно Мо онро Қуръони арабӣ нозил кардем, шояд шумо бифаҳмед**". (Сураи Юсуф, ояти: 2)

Пас касе ки дорои ақл аст, Аллоҳ бар ӯ ҳамду сано мегӯяд, ва касе ки дорои ақл нест, Аллоҳ бар ӯ ҳамду сано намегӯяд ва ҳаргиз ӯро ба некӣ ёд намекунад, балки Аллоҳ таъоло аз аҳли Дӯзах хабар дода мефармояд:

﴿ وَقَالُوا۟ لَوْ كُنَّا نَسْمَعُ أَوْ نَعْقِلُ مَا كُنَّا فِىٓ أَصْحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ﴾ الملك: ١٠

"**Ва гӯянд: Агар мо мешунидем ва ақл мекардем дар (зумраи) дӯзахиён набудем**". (Сураи Мулк, ояти: 10)

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَلَقَدْ ذَرَأْنَا لِجَهَنَّمَ كَثِيرًا مِّنَ ٱلْجِنِّ وَٱلْإِنسِ ۖ لَهُمْ قُلُوبٌ لَّا يَفْقَهُونَ بِهَا وَلَهُمْ أَعْيُنٌ لَّا يُبْصِرُونَ بِهَا وَلَهُمْ ءَاذَانٌ لَّا يَسْمَعُونَ بِهَآ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ كَٱلْأَنْعَٰمِ بَلْ هُمْ أَضَلُّ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْغَٰفِلُونَ ﴾ الأعراف: ١٧٩

"**Ба таҳқиқ гурӯҳи бисёри аз ҷин ва инсро барои Ҷаҳаннам офаридаем, онҳо дилҳо доранд, ки бо он намефаҳманд ва чашмоне доранд, ки**

**бо он намебинанд ва гушҳое доранд, ки бо он намешунаванд, онон монанди чаҳорпоёнанд, балки инҳо гумроҳтаранд, инон ҳамон ғофилонанд**". (Сураи Аъроф, ояти: 179)

Ва мефармояд:

﴿أَمۡ تَحۡسَبُ أَنَّ أَكۡثَرَهُمۡ يَسۡمَعُونَ أَوۡ يَعۡقِلُونَۚ إِنۡ هُمۡ إِلَّا كَٱلۡأَنۡعَٰمِۖ بَلۡ هُمۡ أَضَلُّ سَبِيلًا﴾ الفرقان: ٤٤

"**Оё гумон мекунӣ бештари онҳо мешунаванд ё мефаҳманд?! Онҳо ҳамчун чаҳорпоёне беш нестанд, балки инҳо гумроҳтаранд**". (Сураи Фурқон, ояти: 44)

Пас касе дорои ақл нест, имони ӯ ва ибодати фарзӣ ва нафлияш саҳеҳ намебошад.

## [ Ҳукми исломи девона ё куфри вай ]

Ва касе ки яҳудӣ ё насронӣ бошад, сипас девона шавад ва баъди девона шуданаш ислом орад, исломи вай аз рӯи ботину зоҳир саҳеҳ намешавад.

Ва касе ки имон орад, сипас кофир шавад ва пас аз он девона шавад, ҳукми ӯ ҳукми кофир аст.

Ва касе мӯъмин бошад, сипас девона шавад, бар имонеаш, ки дар ҳоли боақлияш дошт, савоб дода мешавад.

Ва касе ки девона ба дунё ояд, сипас девонагияш идома ёбад, имон ва куфри вай саҳеҳ намебошад. Ва ҳукми девона[12] ҳукми тифл аст, ҳаргоҳ падару модараш мусалмон бошанд, ба иттифоқи мусалмонон аз рӯи мутобаатии падару модараш мусалмон аст. Ва ҳаргоҳ модараш мусалмон бошад ҳукмаш дар назди ҷумҳури олимон монанди Абӯҳанифа ва Шофеъӣ ва Аҳмад инчунин аст.

Ва инчунин касе ки пас аз ислом оварданаш девона шуд, барои онон аз рӯи мутобаатии падаронашон ҳукми ислом собит мешавад.

Ва инчунин девонае ки дар байни мусалмонон таваллуд шуд[13], барои ӯ аз рӯи зоҳир ва аз рӯи тобеъи волидайнаш, ё барои аҳли хона ба ислом ҳукм карда мешавад, ҳамчуноне ки барои кӯдакон ба ин ҳукм карда мешавад, на барои имоне ки ба он қоим шудааст. Пас кӯдакони мусалмонон

[12] Яъне девонае, ки девона таваллуд шуд ва девонагияш мустамир буд.

[13] Яъне волидайнаш маълум нест ва ӯ ёфташуда аст.

ва девонаҳояшон дар рӯзи қиёмат тобеъи падаронашон мебошанд. Ин ислом барои ӯ муҷиби имтиёзе барои ғайри вай намебошад[14] ва на ин ки ба сабаби он аз авлиёи парҳезгори Аллоҳ аст, ки ба сӯи Ӯ ба адои фарзҳо ва нафлҳо наздикӣ меҷӯянд.

## [ Ҳукми намози касе ки ақлаш рафтааст ]

Ва ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡرَبُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنتُمۡ سُكَٰرَىٰ حَتَّىٰ تَعۡلَمُواْ مَا تَقُولُونَ وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِي سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغۡتَسِلُواْ ﴾النساء: ٤٣

"**Эй касоне ки имон овардаед, дар ҳоли мастӣ ба намоз наздик нашавед, то бидонед чӣ мегуед ва (низ) дар ҳоли ҷанобат, то ғусл кунед, магар ин ки раҳгузар бошед**". (Сураи Нисо, ояти: 43)

Аллоҳ азза ва ҷалла аз наздик шудани намоз манъ намуд, ҳаргоҳ ки маст бошанд, то бидонанд он чизеро ки мегӯянд.

---

[14] Чаро ки он исломи ҳукмӣ аст, яъне он танҳо ба ислом ҳукм кардан аст ва исломи ҳақиқӣ нест, ки ба маънои пурра барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло таслим шудан ва ҳаққи амру наҳйро барпо кардан аст.

Ин оят ба иттифоқи олимон пеш аз ҳаром шудани шароб ба ояте ки дар сураи Моида[15] Аллоҳ нозил кард, нозил шуда буд. Дар сабаби нузули он ривоят шудааст, ки баъзе саҳобагон бо ёронаш намоз хонд ва пеш аз ҳаром шудани шароб, шароб нӯшида буд, пас дар қироат омехта кард, пас Аллоҳ ин оятро нозил кард[16]. Пас ҳаргоҳ Аллоҳ намозро дар ҳоли мастӣ  ва нӯшидани чизе ки ҳаром нашуда буд, ҳаром гардонд, то бидонанд он чизеро ки мегӯянд. Дониста шуд, ки ин муҷиби ин аст, ки ягон кас намоз нахонад, то бидонад он чиро ки мегӯяд. Пас касе ки чӣ мегӯяд, намедонад барои вай намоз ҳалол намешавад ва агарчи ақлаш ба сабаби ғайри ҳаром зоил шуда бошад.

---

[15] Ва он фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّمَا ٱلۡخَمۡرُ وَٱلۡمَيۡسِرُ وَٱلۡأَنصَابُ وَٱلۡأَزۡلَٰمُ رِجۡسٞ مِّنۡ عَمَلِ ٱلشَّيۡطَٰنِ فَٱجۡتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ﴾ المائدة: ٩٠

"Эй касоне ки имон овардаед! Ҳамоно шароб ва қимор ва бутҳо ва тирҳои қуръа палид ва аз амали шайтон аст. Пас аз онҳо дӯрӣ кунед, то наҷот ёбед". (Сураи Моида, ояти: 90)

[16] Яъне ояти сураи Нисо:٤٣ النساء: ﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَقۡرَبُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنتُمۡ سُكَٰرَىٰ ... ﴾ "Эй касоне ки имон овардаед, дар ҳоли мастӣ ба намоз наздик нашавед..."  то охири оят. Ибни Ҷарир дар Тафсир ба санадаш сабаби нузулро зикр кардааст ва дар он омадааст, ки касе бо ёронаш намоз хонд ва дар қироат омехта кард ҳамон Абдурраҳмон ибни Авф разияллоҳу анҳу буд ва дар ривояти дигар омада ки вай Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу буд. (Тафсири Ибни Ҷарир, 8/376)

Ва барои ин олимон иттифоқ карданд бар ин ки намози касе ки ба кадом сабабе ақлаш зоил шуда бошад дуруст намешавад, пас чигуна намози девона дуруст мешавад?!

## [ **Ҳукми намози хоболуд** ]

Ва баъзе муфассирон гуфтанд: Ба намоз наздик нашавед, дар ҳоле ки шумо аз хоб маст ҳастед. Ин аз Заҳок ривоят шудааст[17].

Ва ин ҳаргоҳ гуфта шавад, ки оят бар он ба тариқи эътибор ё бар шомил шудани маънои лафзи ом далолат мекунад, вагарна шакке нест, ки сабаби нузули оят мастии аз шароб аст ва лафзи оят дар ин сареҳ аст ва маънои дигар низ саҳеҳ аст.

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки фармуд: "**Ҳаргоҳ яке аз шумо дар шаб намоз гузорад, пас Қуръон ба сабаби хоболуд будан бар забонаш монанди аҷамӣ ояд, пас бихобад. Ҳамоно ӯ намедонад, шояд, ки мехоҳад талаби мағфират кунад, пас худашро дашном диҳад** (яъне аз забонаш дашноме барояд ва худро дуои

---

[17] Ибни Ҷарир ба санади худ аз ӯ ривоят кардааст. (Тафсири Ибни Ҷарир, 8/378)

бад кунад)" ва дар ривояте "**Ҳаргоҳ яки аз шумо дар шаб намоз хонад, пас хоб бар вай ғалаба кунад ва пинакаш барад, пас бояд бихобад**"[18].

Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз намозе ки шахси хоболуд дар он ғалат мекунад, манъ намуд. Олимон ба ин ҳуҷҷат оварданд, ки пинак таҳоратро намешиканад, зеро агар таҳоратро бишканад, ҳароина намоз ботил мешавад, ё аз намоз барои таҳорати нав кардан баромадан воҷиб мешавад.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамоно иллати инро баён намуд, ба фармудааш:

"**Ҳамоно ӯ намедонад, шояд, ки мехоҳад талаби мағфират кунад, пас худашро дашном диҳад** (яъне аз забонаш дашноме барояд ва худро дуои бад кунад)". Пас дониста шуд, ки мақсади манъ

---

[18] Ривояти Бухорӣ (1/375, Фатҳ-ул-борӣ) ва Муслим (6/74, шарҳи Нававӣ) аз ҳадиси Оиша ва лафзи он дар Бухорӣ чунин аст: "Ҳаргоҳ бар яке аз шумо дар намоз хондан хоб ғалаба кунад ва пинак занад, бояд бихобад то хобаш биравад, зеро агар яке аз шумо дар ҳоле намоз бихонад, ки бар вай хоб ғалаба кардааст намедонад мумкин ӯ талаби мағфират кунад ва аз забонаш дашноме барояд ва худро дуои бад кунад". Ва Муслим (6/74, шарҳи Нававӣ) ва ғайраш аз ҳадиси Абӯҳурайра ривоят карданд ва лафзаш дар назди Муслим чунин аст: "Ҳаргоҳ яке аз шумо дар шаб намоз гузорад, пас Қуръон ба сабаби хоболуд будан бар забонаш монанди аҷамӣ ояд, пас чи гуфтанашро намедонад, бояд бихобад".

карданаш аз намоз, намози касе аст, ки намедонад чӣ мегӯяд ва агарчи ин ба сабаби пинак ва ғалабаи хоб бошад.

Ва пайгирии ин, ин аст, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадиси саҳеҳ омада аст, ки фармуд: "**Яке аз шумо дар ҳоле ки фишори ду палидиро дур мекунад намоз нагузорад ва на дар вақти ҳозир будани таом**"[19]. Зеро дар ин вақт қалб машғул аст.

Ва Абӯдардо мегӯяд: "Аз бофаҳмии мард ин аст, ки аввал қазои ҳоҷат мекунад, сипас дар ҳоле ки қалбаш машғули чизе нест, рӯ ба намоз меорад"[20].

Ҳаргоҳ намоз хондан ҳаром бошад бо чизе ки ақлро дур мекунад ва агарчи дуркунандаи ақл чизи мубоҳ бошад, то бидонад, ки чи мегӯяд.

---

[19] Муслим (5/47, шарҳи Нававӣ) аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят карда ва лафзи он чунин аст: "Дар вақте таом ҳозир шавад намоз дуруст намешавад ва на дар он вақт ки бар касе яке аз ду наҷосат фишор орад". Ва ду наҷосат ҳамон пешоб ва пасафканда аст. Ва инро Абӯдовуд (1/160) ба лафзи: "Дар вақти ҳозир будани таом намоз хонда намешавад..." то охири ҳадис.

[20] Асари Абӯдардоро Бухорӣ дар Саҳеҳаш ба таври муаллақу яқин ба ӯ нисбат дода ривоят кардааст. Ибни Ҳаҷар гуфт: Асари Абӯдардоро ибни Муборак дар китоби Зуҳд бо санад овардааст. Ва Муҳаммад ибни Насри Марвазӣ дар китоби Таъзими қадри салот аз тариқи худаш ривоят кардааст. (2/187, Фатҳ-ул-Борӣ)

Намози девона ва касе ки дар зимни номи девона аст ва агарчи аз ақл бегона ё саргардон номида шавад, ба тариқи авло намозаш дуруст намешавад.

[ **Намоз беҳтарин ибодат аст** ]

Ва маълум аст, ки намоз беҳтарини ибодатҳост, ҳамчуноне ки дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Масъуд омадааст, ки гуфт: "Ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтам: Кадом амал дар назди Аллоҳ маҳбубтар аст? Фармуд: "**Намозро дар вақташ хондан**". Гуфтам: Боз кадом амал маҳбубтар аст? Фармуд: "**Ба волидайн некӣ кардан**". Гуфтам: Боз кадом амал маҳбубтар аст? Фармуд: "**Ҷиҳод**". Ровӣ гуфт: Инҳоро ба ман Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт ва агар аз Ӯ бештар мепурсидам, ҳароина бештар ҷавоб медод"[21]. Ва боз дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Ӯ собит аст, ки Ӯ "беҳтарини амалҳоро имони ба Аллоҳ ва ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ, сипас ҳаҷҷи

---

[21] Инро Бухорӣ (2/12, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (2/74, шарҳи Нававӣ) ва дигарон ривоят кардаанд.

мақбул"[22] қарор додааст ва дар байни ин ривоятҳо зиддият нест, пас ҳамоно намоз дар таърифи имони ба Аллоҳ дохил аст, ҳамчуноне ки дар фармудаи Аллоҳ таъоло дохил аст:

﴿ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ لِيُضِيعَ إِيمَـٰنَكُمْ ﴾ البقرة: ١٤٣

"**Ва Аллоҳ ҳаргиз имони шуморо зоеъ намекунад**". (Сураи Бақара, ояти: 143)

Баро ибни Озиб ва ғайри ӯ аз гузаштагон гуфтанд: "Яъне намози шуморо, ки ба сӯи Байт-ул-муқаддас хондед, зоеъ намекунад"[23].

**[ Оё намоз аз ягон кас соқит мешавад? ]**

Ва барои ин намоз монанди имон аст, ки дар он ниёбат ба ягон ҳоле дохил намешавад[24], пас ягон кас ба ҷои касе намози фарзро намехонад, на ба узр ва на ба ғайри узр, ҳамонгуна ки ягон кас ба

---

[22] Инро Бухорӣ (1/97, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (2/72, шарҳи Нававӣ) аз ҳадиси Абӯҳурайра ривоят кардаанд.

[23] Инро Ибни Ҷарир ба санадаш ривоят кардааст (3/167, Тафсири Табарӣ).

[24] Инҷо ҳолате аст, ки намоз ба ҷои каси дигар ҷоиз мешавад ва ин дар ду ракаати намози тавоф дар пушти мақоми Иброҳим алайҳис салом аст, вақте ки шахсе ба ҷои шахси дигаре ҳаҷ ё умра мекунад, локин он ибодати мустақил нест ва ҳамонон он дар амалҳои ҳаҷ ва умра дохил аст. Ва дар ҳаҷҷу умра ниёбат ба ҳадисҳои саҳеҳ собит шудааст, пас ин ҳамаи амалҳои онро шомил мешавад. Бинобар ин, ин ҳолат умумеро, ки Шайхи Ислом зикр кардааст, мухолиф намеояд.

ҷои вай имон намеорад. Ва намоз дар ягон ҳолате соқит намешавад, ҳамчуноне ки имон соқит намешавад, балки бар вай намоз фарз аст, модоме ки дорои ақл аст ва ӯ тавони баъзе амалҳои намозро дорад. Ҳаргоҳ аз ҳамаи амалҳои намоз оҷиз ояд ва бар гуфтор ҳам қудрат надошта бошад, оё ба ҳаракат додани тарафи чашмаш ва ҳозир кардани амалҳо дар қалбаш намоз мегузорад? Дар ин масъала олимон ду қавл доранд ва агарчи маълумтар ин аст, ки ин машрӯъ нест.

[ **Девонагӣ амалҳои накӯи гузаштаро бекор намекунад** ]

Ҳаргоҳ чунин бошад, маълум шуд, ки касеро ки ақлаш зоил шудааст, пас аз ибодатҳои фарзӣ ва нафлӣ, ки ба онон ба сӯи Аллоҳ наздикӣ ҷуста мешавад, маҳрум гаштааст. Ва вилоят ҳамон имон ва тақвоест, ки дарбаргирандаи ибодатҳои фарзӣ ва нафлӣ аст, пас ба чизе ки авлиёи Аллоҳ ба сӯи Ӯ наздикӣ меҷӯянд, маҳрум шудааст. Локин аз девона қалам бардошта шудааст, пас иқоб намешавад, ҳамчуноне ки кӯдакон ва ҳайвонҳо иқоб на-

мешаванд, зеро дар ин ҳолат бар онҳо таклиф нест[25].

Агар пеш аз девона шудан мӯъмин ва дорои амалҳои накӯ буд ва пеш аз зоил шудани ақлаш ба сӯи Аллоҳ ба фарзҳо ва нафлҳо наздикӣ меҷӯст, барои ӯ савоби он имон ва амалҳои накӯи пешгузаштааш аст ва барои ӯ аз дӯстии Аллоҳ ба андозаи имону тақвое, ки дошт, мебошад. [Пас амали нек ба девонагии пайдошуда соқит намешавад], ҳамонгуна ки ин ба мурдан соқит намешавад ба хилофе касе ки аз Ислом хориҷ шавад. Пас аз дин хориҷ шудан амалҳоро бекор мекунад ва аз амалҳои бад чизе амалҳои накӯро ҷуз муртад шудан бекор намекунад[26], ҳамчуноне ки аз амалҳои

---

[25] Таклиф набудан ва бардошта шудани қалам аз онҳо дар ин ҳолат бо тартиб ёфтани ҳуқуқи дигарон дар баробари кӯдакон ва девонагонро нафй ва зиддият намекунад, монанди зомин шудани қимати он молҳои покеро, ки талаф додааст ва монанди фарз шудани закот дар молҳояшон, ҳаргоҳ шартҳои фарз шудан ёфта шавад.

[26] Ин мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат аст, локин онон дар масъалаи тарки намоз ихтилоф карданд. Мутақаддимон яъне саҳобагону тобеъин қоил ба кофир будани тарккунандаи намоз ҳастанд ва ҳамаи чаҳор имом ва пайравони онон бар кофир набудани тарккунандаи намоз ҳастанд ва далелҳое ки дар ин омадаро таъвил карданд. Ва Бухорӣ дар Саҳеҳаш (2/39, Фатҳ-ул-Борӣ) аз ҳадиси Бурайда ба таври марфӯъ ривоят кард, ки: "Касе намози асрро тарк кунад, пас амалаш бекор гаштааст" ва зоҳири ҳадис ин аст, ки тарки намоз амалро бекор мекунад ва касе ки қоил ба кофир будани тарккунандаи намоз аст ба ин ҳадис

нек чизе ҷуз тавба ҳамаи амалҳои бадро бекор намекунад[27].

## [ Дар вақти оҷиз омадан аз амал, иродаи устувор дар манзалати амал аст ]

Пас барои девона дар вақти девонагияш монанди он амале ки дар вақти ҳушёрияш мекард, нависта намешавад, ҳамчуноне ки монанди ин барои гуноҳҳояш дар вақти зоил шудани ақлаш ба

---

далел овард. Ва дигарон гуфтанд: Агар амр чунин мешуд, ба ин намози асрро хос намекард ва тарки ҳар намозе бекоркунандаи амал мешуд ва чизе ки дар зеҳни ман мегузарад ин аст, ки амали бекоршуда дар ҳадис, амали ҳамон рӯзест, ки дар он намози асрро тарк кардааст, на ҳамаи амалҳо. Ва намози аср ба ин хос карда шуд, зеро амал дар оихири рӯз бардошта мешавад, пас ҳаргоҳ амалаш бардошта шавад ва дар он намози аср набошад, амалаш дар он рӯз бекор шавад, зеро вай рӯзро ба зоеъ кардани муҳимтарини намозе ки дар он рӯз аст, хатм кардааст. Ва он намози миёна намози аср аст. Ва Аллоҳ донотар аст.

[27] Чанд ҳадис дар баёни фазли баъзе амалҳо омадааст, ки ҳамаи гуноҳҳоро тозаву бекор мекунад. Аз ҷумла он ҳадисе ки Бухорӣ (3/446, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (9/119, шарҳи Нававӣ) аз Абӯҳурайра ба таври марфӯъ ривоят карданд: "**Касе ки барои Аллоҳ ҳаҷ кунад, пас омезиши ҷинсӣ накунад ва гуноҳ накунад, монанди рӯзе ки аз модараш таваллуд шудааст, мегардад**". Ин ҳадис ошкор аст, ки ҳаҷ бо шартҳои дар ҳадис зикршуда ҳамаи гуноҳҳоро бекор ва тоза мекунад. Бар чизе ки ҳадиси Абӯҳурайра далолат кард, ҳадиси Амр ибни Ос, ки онро Муслим (2/137, шарҳи Нававӣ) дар қиссаи исломи Амр ривоят кардааст, далолат мекунад. Дар он омадааст: "Вақте Аллоҳ исломро дар қалби ман ҷой дод, назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рафта гуфтам: Дасти ростатро дароз кун, пас бо ту байъат кунам, пас дасти росташро дароз кард. Ровӣ гуфт: Пас дастамро кашидам. Паёмбар фармуд: Эй Амр ба ту чӣ шуд? Ровӣ гуфт: Гуфтам: Мехоҳам шарт гузорам. Фармуд: Чӣ шарт мегузорӣ? Гуфтам: Ин ки бахшида шавам. Фармуд: Оё намедонӣ, ки ислом гуноҳҳои пешро тоза мекунад ва ин ки ҳиҷрат гуноҳҳои пеш аз онро тоза мекунад ва ин ки ҳаҷ гуноҳҳои пеш аз ҳаҷро тоза мекунад..." то охири ҳадис.

сабаби амалҳои масткунанда ва хоб намебошад, зеро барои вай дар ин ҳолат қасди саҳеҳ нест. Ва локин дар ҳадиси саҳеҳ аз Абӯмусо аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, ки фармуд: "**Ҳаргоҳ банда бемор шавад ё сафар кунад, барояш он амалеро ки дар ҳоли сиҳатӣ ва муқим буданаш мекард, нависта мешавад**" (28).

Ва дар Саҳеҳ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки дар ғазваи Табук фармуд: "**Ҳароина дар Мадина мардуме ҳастанд, ки шумо ба ҳар ҷое рафтаед ва ҳар водиеро паймудаед, онҳо бо шумо буданд. Гуфтанд: Ва онҳо дар Мадина ҳастанд?! Фармуд: Ва онҳо дар Мадина ҳастанд ва онҳоро аз баромадани бо шумо узр боз дошт**" (29). Пас инҳо қасди амале доштанд, ки

(28) Ин ҳадисро Бухорӣ (6/158, Фатҳ-ул-Борӣ) ба лафзи: "**Ҳаргоҳ банда бемор шавад ё сафар кунад, барояш он амале ки дар ҳоли муқимӣ ва сиҳатияш мекард, нависта мешавад**" ривоят кард.

(29) Ин ҳадисро Бухорӣ (7/732, Фатҳ-ул-Борӣ) аз ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу ривоят кард ва лафзаш: "Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз ғазваи Табук гашт, пас ба Мадина наздик шуд, пас фармуд..." пас ҳадисро зикр кард. Ва Муслим дар Саҳеҳаш дар китоби Иморот аз ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳумо ривоят кард, локин ӯ ғазваро номаълум зикр кард, пас гуфт: "Дар ғазвае будем" ва номи ғазваро нагирифт. Ва гуфт: "Магар ки бо шумо буданд, онҳоро беморӣ аз баромадан боздошт". Ва нагуфт, ки узр боздошт. Ва дар ривояте: "Магар ки бо шумо дар аҷр шарик ҳастанд" ва он

онҳо мекарданд, дар он рағбат доштанд, локин оҷиз омаданд, пас ба манзалаи амалкунанда гаштанд, ба зилофи касе ки ақлаш дур шудааст, пас барои вай қасди саҳеҳ нест ва аслан барояш ибодат нест, ба хилофи онҳо, ки қасди саҳеҳ доштанд, ба сабаби он барояшон аҷру савоб нависта мешавад.

## [**Девонагӣ гуноҳҳои собиқро тоза намекунад**]

Аммо агар пеш аз девона шуданаш кофир ё фосиқ ё гунаҳгор буд, девона шуданаш боиси аз байн рафтани куфр ва фисқаш намешавад. Барои ин кадоме ки баъди яҳудӣ ва насронӣ шуданаш девона шавад, бо онҳо ҳашр мешавад.

Инчунин касе аз мусалмонон баъди имон ва тақвояш девона шавад, бо мӯъминони парҳезгор ҳашр мешавад.

---

баёни фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Магар ки бо шумо буданд" мебошад. Ин яке аз далелҳое аст, ки бар он далел оварда мешавад, ки лафзи "бо ҳамроҳӣ" ҷамъ омадани афродро дар як макон лозим намегардонад, пас ҳамроҳие ки дар ин ҳадис зикр шудааст, ҳамон ҳамроҳии дар аҷр шарик шудан аст. Ва инчунин дар фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿وَهُوَ مَعَكُمْ أَيْنَ مَا كُنتُمْ﴾ الحديد: ٤ "**Ва Ӯ ҳамроҳи шумо аст, дар куҷое ки бошед**". (Сураи Ҳадид, ояти: 4) Ҳамроҳӣ ҳамроҳии ҷамъ шудан дар як макон нест ва албатта он ҳамроҳии илм ва маърифат аст.

Аз байн рафтани ақл ба сababи девонагӣ ё ғайри он, хоҳ соҳибаш беақл ё саргардон номида шавад, муҷиби зиёдшавии ҳоли соҳибаш аз имон ва тақво намегардад.

Аз ақл бегона шуданаш сабаби зиёдшаваии хайр ва салоҳи вай намегардад ва на сабаби зиёдшавии гуноҳаш ва локин девонагӣ муҷиби рафтани ақлаш мешавад, пас бар хайр ва шарре ки буд, боқӣ мемонад, девонагӣ чизе бар вай зиёд ва кам намекунад, локин девонагияш ӯро аз зиёдшавии хайр маҳрум месозад, ҳамонгуна ки уқубати вайро бар шарр манъ мекунад.

## [ **Ҳукми таклифи касе ки ба сабаби истеъмоли ҳаром аз ақл бегона шудааст** ]

Аммо агар рафтани ақлаш ба сабаби ҳаром бошад, монанди нӯшидани шароб ва хӯрдани чарс, ё ба сабаби ҳозир шудан дар ҷойҳое ки нағмаи суруд шунида мешавад[30], пас мешунавад, то ки аз ақл бегона мегардад. Ё ба баъзе ибодатҳои бидъатӣ ибодат мекунад, то ки баъзе шайтонҳо ба

[30] Самоъ-ғинову суруд ва ҳар овози хуше, ки гушҳо аз шунидани он лаззат мебаранд.

вай наздик мешавад, пас ақлашро тағйир медиҳанд.

Ё банг[31] истеъмол мекунад, ақлашро мерабояд, пас инҳо бар зоил кардани ақлҳояшон сазовори мазаммату иқоб ҳастанд. Ва бештари инҳо ҳоли шайтониро ҷалб мекунад, ба ин ки коре мекунад, ки онро шайтон дӯст медорад, пас хело бузург мерақсад, то ки аз ақлаш бегона мешавад.

Ё хур-хур мекунад ва бонг мезанад, то ӯро ҳоли шайтонӣ меояд ва бисёри инҳо беақлию саргардониро қасд мекунад, то беақл гардад, пас ҳамаи инҳо аз ҳизби шайтон ҳастанд ва ин сохтакорӣ аз чанд нафари онҳо дониста шудааст.

Ва олимон ихтилоф карданд, оё онҳо дар вақти аз ақл бегона шуданашон мукаллаф ҳастанд? Ва асл "масъалаи маст аст" ва Шофеъӣ ва Аҳмад ва дигарон гуфтанд, ки вай дар ҳоли рафтани ақлаш мукаллаф аст. Ва бисёри олимон гуфтанд: Вай мукаллаф нест ва ин яке аз қавлҳо дар мазҳаби Шофеъӣ ва Аҳмад аст ва дар яке аз ривоятҳо аз

---

[31] Банг-навъе аз гиёҳ аст, ки ақли касе ки онро истеъмол мекунад, мебарад ва он гиёҳе нест, ки аз он моддаи масткунанда омода карда мешавад.

Аҳмад омадааст, ки талоқи одами маст воқеъ намешавад ва ин қавитарини қавлҳо аст.

Ва ягон олим нагуфт, ки инҳое ки ақлашон ба монанди ин чизҳо зоил шудааст аз авлиёи Аллоҳу, яктопарасту наздикон ва ҳизби наҷотёфтаи Аллоҳ ҳастанд.

[ **Девонаҳои хирадманд** ]

Ва касеро, ки олимон аз девонаҳои хирадманд зикр карданд ва онҳоро ба хайр ёдовар шуданд аз қисми аввал ҳастанд, ки дар онҳо хайру некӣ буд, сипас аз ақл бегона шуданд.

Аз аломати инҳо ин аст, ки ҳаргоҳ барои онҳо дар ҳоли девонагияшон навъе аз ҳушёрӣ ҳосил шавад, ба он чизе ки дар дилҳояшон аз имон буд, сухан мекунанд, на ба куфру буҳтон, ба хилофи ғайрашон, ки ҳаргоҳ барояшон навъе аз ҳушёрӣ ҳосил шавад ба куфру ширк сухан мекунанд. Ва дар вақти заволи ақлаш ба куфр ҳазаён мегӯяд, пас ин кофир асту мусалмон нест. Ва касе ки ба сухане ёвагӯӣ мекунад, ки фаҳмида намешавад, ба форсӣ ё туркӣ ё барбарӣ ва ғайри ин сухан мекунад, ин барои баъзе касоне ки дар маҷлиси

самоъ ҳозир мешаванд ҳосил мешавад ва барои вай ваҷд меояд, ки аз ақлаш бегона мешавад, то ҳазаён мегӯяд, ки фаҳмида намешавад, ё ба ғайри арабӣ сухан мекунад, пас ба забони инҳо шайтон сухан мекунад, ҳамонгуна ки ба забони шахсе ки гирифтори бемории саръ аст, сухан мекунад.

[ **Аҳволи девонаҳо** ]

Ва касе мегӯяд, ки Аллоҳ ба инҳо ақлҳо ва аҳволе ато кард, пас аҳволашонро боқӣ монд ва ақлҳояшонро зоил намуд ва он чизе ки бар онҳо фарз гардонда буд, дар баробари салби ақлашон соқит гардонд.

Гуфта шуд: Сухани ту, Аллоҳ барои онҳо аҳволе бахшид, сухани муҷмал аст, чаро ки аҳвол тақсим мешавад ба ҳоли раҳмонӣ ва ҳоли шайтонӣ. Ва он рафтори хилофи одат ба сабаби кашф ва тасарруфи аҷиб, ки барои инҳо мешавад, пас гоҳо аз ҷинси он чизе ки барои ҷодугарон ва коҳинон рӯх медиҳад, мебошад. Ва гоҳо аз ҷониби Аллоҳи Раҳмон аз ҷинси он чизе ки аз аҳли тақво ва имон рӯх медиҳад, мебошад.

Агар инҳо дар ҳоли ақлашон бошанд, барои онҳо атоҳои имонӣ буда ва аз мӯъминҳои парҳезгор ҳастанд, пас шакке нест, ки ҳаргоҳ ақлҳояшон зоил шавад, дар муқобили салби ақлҳояшон аз онҳо фарзҳо соқит мешавад.

Ва агар аз аҳволи шайтонӣ ато карда шаванд, ҳамчуноне ки ба мушрикон ва аҳли китоб ва мунофиқон дода мешавад, пас ҳаргоҳ ақлҳои инҳо зоил шавад, аз куфру фисқе, ки буданд, хориҷ намешаванд, ҳамонгуна  ки аввалинҳо аз имону тақво хориҷ намешаванд. Ҳамчуноне ки хоби ҳар кадоми ин тоифаҳо ва мавташ ва беҳушияш, ҳукми он чиро ки пеш аз заволи ақлаш аз имону тоат ё куфру фисқаш зоил намешавад. Пас ғояти заво-ли ақл ин аст, ки таклиф [баъди зоил шудан соқит мешавад на пеш аз он].

## [ **Заволи ақл сабаб ба сӯи каромати Аллоҳ намебошад** ]

Ва бардоштани қалам муҷиби ситоиш ва мадҳ ва аҷру савоб намебошад ва барои соҳиби он ба сабаби заволи ақлаш бахшише аз бахшишҳои авлиёи Аллоҳ ҳосил намешавад ва на каромате аз

кароматҳои накӯкорон, балки қалам аз вай бардошта шудааст, ҳамонгуна ки қалам аз шахси хоб ва беҳуш ва майит бардошта мешавад ва дар ин на мадҳ аст ва на мазаммат, балки ҳоли шахси хоб аз инҳо дида беҳтар аст. Барои ин анбиё алайҳимус салом хоб мекарданд ва дар онҳо ҷунун ва саргардонӣ набуд. Бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хоб ва беҳуш шудан раво аст ва бар Ӯ ҷунун раво намебошад. Ва паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам чашмонаш хоб мекард ва қалбаш хоб намекард ва Ӯ дар беморияш беҳуш шуд.

### [ **Дур кардани ақл ба кадом тариқе ки бошад ҳаром аст** ]

Аммо аз девонагӣ Аллоҳ паёмбаронашро нигаҳ доштааст, чаро ки девонагӣ аз бузургтарин нуқсонҳои инсон аст, зеро камоли инсон ба ақл аст ва барои ин Аллоҳ зоил кардани ақлро ба кадом тариқе ки бошад, ҳаром гардонда аст. Ва ҳар чизе ки василаи дур кардани ақл аст, онро ҳаром гардонд, монанди нӯшидани шароб, пас як қатраи онро ҳаром гардонд ва агарчи ақлро дур накунад,

зеро он васила ба бисёр нӯшидани он мегардад, ки ақлро дур мекунад. Бо вуҷуди ин, чигуна заволи ақл сабаб ё шарт ё наздиккунанда ба сӯи вилояту дӯстии Аллоҳ мегардад, ҳамчуноне ки бисёри гумроҳон гумон мекунанд?! То ҳадде ки яке аз онон дар васфи инҳо мегӯяд:

هم معشر حلوا النظام وخرقوا الـ ... ـسياج فلا فرض لديهم ولا نفل

مجانين إلا أن سر جنونهم ... عزيز على أبوابه يسجد العقل

"Онон ҷамоате буданд, ки ннизомро аз байн бурданд ва деворро шикофтанд, пас фарзе ва суннате назди онон вуҷуд надорад. Девонаҳое ҳастанд фақат сирри девонагияшон азиз аст ва ақл бар дарвозаҳои он саҷда мекунад".

### [ **Рафтори хилофи одатҳо далел бар вилоят нест, ҳаргоҳ ки соҳибаш хилофи шариат амал намояд**]

Пас ин сухани инсони гумроҳ, балки кофир аст, ки гумон мекунад, ки барои девона сирре аст, ки бар дари он саҷда мекунад. Ин ба хотири он аст, ки аз баъзе девона навъи кашф ё тасарруфи аҷиби хилофи одатро мебинад. Ин ба сабаби ҳамроҳ шу-

дани шайтонҳо бо ӯ мебошад, ҳамонгуна ки барои ҷодугарон ва коҳинон мебошад, пас ин гумроҳ гумон мекунад, ки касе кашф кунад ё хилофи одат коре кунад, дӯсту валии Аллоҳ мебошад. Ва касе ин эътиқодро дошта бошад, пас вай ба иҷмоъи мусалмонон ва яҳуду насоро кофир мебошад. Барои бештари кофирон ва мушрикон ба сабаби шайтонҳояшон кашфҳо ва корҳои хилофи одат чанд баробари инҳо аст, чӣ гӯи аз аҳли китоб, зеро ҳар қадар инсон гумроҳтар ва кофиртар бошад, шайтон ба вай наздиктар мебошад, локин ҳатман дар ҳамаи кашфҳои инҳо дурӯғ ва буҳтон бошад. Ва ҳатман дар корҳояшон гуноҳу саркашӣ аст, ҳамонгуна ки барои бародарони ҷодугарашон ва коҳинонашон вуҷуд дорад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ هَلۡ أُنَبِّئُكُمۡ عَلَىٰ مَن تَنَزَّلُ ٱلشَّيَٰطِينُ ٢٢١ تَنَزَّلُ عَلَىٰ كُلِّ أَفَّاكٍ أَثِيمٖ ٢٢٢ ﴾

الشعراء: ٢٢١ – ٢٢٢

"**Оё шуморо хабар диҳам, ки шайтонҳо бар кӣ нозил мешаванд? Бар ҳар дурӯғгӯи аз гунаҳгор нозил мешавад**". (Сураи Шуъаро, ояти: 221-222)

Пас шайтонҳо бар ҳар касе нозил шаванд, ӯ ҳатман дурӯғгӯ ва гунаҳгор аст, аз кадом қисме ки бошад.

## [ **Ҳукми касе ки вилоятӣ шахсеро эътиқод дорад, ки фарзҳоро баҷо намеорад** ]

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар доданд, ки авлиёи Аллоҳ ҳамон касоне ҳастанд, ки ба фарзҳо наздикӣ меҷӯянд. Ва ҳизби наҷотёфтагони Аллоҳ ва лашкари пирӯзи Ӯ ва бандагони накӯкори Ӯ ҳастанд. Пас касе эътиқод кунад дар шахсе ки фарзҳо ва нафлҳоро адо намекунад, ки вай аз авлиёи парҳезгори Аллоҳ аст, ё барои беақлияш ё нодонияш ё ҷуз ин, пас касе дар монанди инҳо эътиқод кунад, ки аз авлиёи парҳезгори Аллоҳ ва ҳизби наҷотёфта ва бандагони накӯкори Ӯ ҳастанд, пас кофиру аз дини Парвардигори оламиён хориҷшуда аст.

Ва ҳаргоҳ гӯяд: Ман гувоҳи медиҳам, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ ва гувоҳи медиҳам, ки Муҳаммад Расулуллоҳ аст, аз дурӯғгӯёне аст, ки дар онҳо гуфта шудааст:

﴿إِذَا جَآءَكَ ٱلۡمُنَٰفِقُونَ قَالُواْ نَشۡهَدُ إِنَّكَ لَرَسُولُ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ إِنَّكَ لَرَسُولُهُۥ وَٱللَّهُ
يَشۡهَدُ إِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَكَٰذِبُونَ ١ ٱتَّخَذُوٓاْ أَيۡمَٰنَهُمۡ جُنَّةٗ فَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۚ
إِنَّهُمۡ سَآءَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٢ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ ثُمَّ كَفَرُواْ فَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَهُمۡ لَا
يَفۡقَهُونَ ٣﴾ المنافقون: ١ – ٣

**"Ҳангоме ки мунофиқон назди ту оянд, гӯянд: Мо гувоҳӣ медиҳем ки яқинан ту фиристодаи Аллоҳ ҳастӣ. Ва Аллоҳ медонад, ки ту фиристодаи Ӯ ҳастӣ ва Аллоҳ гувоҳи медиҳад, ки мунофиқон яқинан дурӯғгӯ ҳастанд. Онҳо савгандҳои худро сипар қарор доданд, пас (мардумро) аз роҳи Аллоҳ боздоштанд, ба рости кори бисёр баде анҷом медиҳанд. Ин ба он хотир аст, ки онҳо имон оварданд, сипас кофир шуданд, онгоҳ бар дилҳояшон муҳр ниҳода шуд, пас онҳо намефаҳманд**". (Сураи Мунофиқон, ояти: 1-3)

## [ Ҳукми касе ки намози ҷумъа ва ҷамоатҳоро тарк мекунад ]

Ва дар Саҳеҳ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки фармуд:

**"Касе се ҷумъаро аз рӯи танбалӣ ва беузр тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад"**[33].

---

**[33] Ин ҳадисро Абӯдовуд (3/377) ва Тирмизӣ (3/13) ва Насоӣ (3/88) ва Ибни Моҷа (1/346) ва Аҳмад (3/424) ва Ҳоким (1/280, 3/624, Мустадрак) аз ду тариқ ривоят карданд, аз ҳадиси Абӯҷаъд ба лафзи: "Касе се ҷумъаро аз рӯи саҳлангори ба он тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад". Ва Ҳоким гуфт: Бар шарти Муслим саҳеҳ аст ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кард. Ва Заҳабӣ оиди тариқи дигар гуфт: Ҳадиси ҳасан аст. Ва инро Ибни Хузайма (3/176) ва Ибни моҷа (1/346) ва Ҳоким (1/292) аз ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят карданд, ба лафзи: "Касе се ҷумъаро безарурат тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад". Заҳабӣ гуфт: Ҳадиси саҳеҳ аст. Инро Миззӣ дар ал-Атроф ва Сиютӣ дар ал-Ҷомеъ-ус-сағири Насоӣ нисбат доданд ва он дар нусхаи нашршудае, ки дар дасти мост, вуҷуд надорад. Ва инро Ҳоким (2/488) аз ҳадиси Абӯқатода разияллоҳу анҳу аз тариқи Яъқуб ибни Муҳаммади Зуҳрӣ ривоят кард, ки гуфт: Ба мо Абдулазиз ибни Муҳаммад аз падараш аз Усайд ибни Абӯусайд аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода аз падараш ба таври марфӯъ ривоят кард. Пас онро ба лафзи ҳадиси Ҷобир зикр кард. Ҳоким гуфт: Ин ҳадис иснодаш саҳеҳ аст ва онро Бухорӣ ва Муслим ривоят накардаанд. Заҳабӣ эрод гирифта гуфт: Гуфтам: Яъқуб заиф аст. Ба охир расид. Мегӯям: Ба ростӣ имом Аҳмад (5/300) ривоят кард: Ба мо Абӯсаъид ҳадис гуфт, ба мо Абдулазиз ибни Муҳаммад аз Усайд ибни Абдуллоҳ ибни Абӯқатода аз падараш ҳадис гуфт...пас ҳадисро зикр кард, ин иснод ҳасан аст агар Абдулазиз ибни Муҳаммад набуд ва вай Доравардӣ аст, дар иснодаш хилоф шудааст. Ба таҳқиқ инро Ибни Хузайма дар Саҳеҳаш (3/176) аз тариқи Ибни Абӯзиъб аз Усайд аз Абдуллоҳ ибни Абӯқатода аз Ҷобир ривоят кардааст. Ва инчунин инро Ҳоким (1/292) аз тариқи Ибни Абӯзиъб ривоят кардааст. Ва боз онро Ибни Моҷа (1/346) ва Ҳоким (1/292) аз тариқи Сулаймон ибни Билол аз Усайд ривоят карданд. Ва Ибни Моҷа аз тариқи Зуҳайр аз Усайд ривоят кард, пас ин се мард Абӯзиъб, сулаймон ибни Билол ва Зуҳайр мардони боэътимоданд. Доравардиро дар иснодаш хилоф кардаанд, пас ӯро дар

Ҳаргоҳ касе ҷумъаҳоро тарк кунад, бар қалбаш муҳр зада шавад ва агарчи намози пешинро хонад, пас чигуна аст ҳоли касе ки на пешин мехонад ва на ҷумъа ва на фарз ва на нафл ва аз барои

---

муснади Ҷобир қарор доданд. Ва чизе ки нафс ба он ором мегирад ин аст, ки ҳадис ҳадиси Ҷобир аст ва ҳадиси Абӯқатода нест ва Аллоҳ донотар аст.
Ва ин ҳадисро Абӯбакр ибни Алии Марвзӣ аз ҳадиси Ибни Абӯавфо ба таври марфӯъ ривоят кард, ба лафзи: "Касе се ҷумъаро тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад ва қалби ӯро қалби мунофиқ мегардонад". Ва боз инро Абӯяъло ривоят кардааст ва ровиёнаш боэътимод ҳастанд ва Ибни Мунзир онро саҳеҳ гуфтааст. (Талхиси Ибни Ҳаҷар 2/56-ро назар кун).

Ва Молик дар Муватта (1/134, Танвир-ул-ҳаволик) гуфт: Аз Сафвон ибни Сулайм ривоят аст, ки Молик гуфт: Намедонам оё аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст ё не, ин ки Ӯ фармуд: "Касе се ҷумъаро беузру иллате тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад". Ва Сиютӣ (1/134, Танвир-ул-ҳаволик) гуфт: Ибни Абдулбар аз ҳадиси Абӯҳурайра ба таври марфӯъ ривоят кард: "Касе се ҷумъаро пай дар пай беузр тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад". Ва аз мурсали Саъид ибни Мусайяб ба таври марфӯъ омадааст: "Касе се ҷумъаро беуз тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад". Ва Шофеъӣ дар ал-Ум аз ҳадиси Ибни Аббос ба таври марфӯъ ривоят кард, ки: "Касе се ҷумъаро безарурат тарк кунад, дар китобе ки тоза намешавад ва табдил дода намешавад, мунофиқ нависта мешавад". Ва Ибни Ҳаҷар гуфт: Абӯяъло аз Ибни Аббос ривоят кард, ки : "Касе се ҷумъаро пай дар пай тарк кунад, пас Исломро дар пушти худ партофта аст", ва ровиёнаш боэътимоданд. (2/57, ат-Талхис).

*Табаронӣ аз ҳадиси Усома ибни Зайд ривоят кард, ба лафзи: "Касе се ҷумъаро беузр тарк кунад, аз мунофиқон нависта мешавад". Албонӣ гуфт: Ҳадиси саҳеҳ аст (Саҳеҳ-ул-ҷомеъ, 5/267). Ибни Ҳаҷар (2/56, ат-Талхис) гуфт: Табаронӣ аз ҳадиси Усома ривоят кард ва дар санадаш Ҷобири Ҷуъфӣ аст. Мегӯям: Ҷобир заиф аст.

**Танбеҳ**: Дар ҳадиси собиқи Ҷобир баъде ки хилофро бар Усайд зикр кардам ва баён кардам, ки ба чизе ки нафс ба он ором мегирад ин аст, ки ҳадис ҳадиси Ҷобир аст на ҳадиси Абӯқатода. Ёфтам, ки Ибни Ҳаҷар инро зикр кардааст, пас гуфт: Инро Аҳмад ва Ҳоким аз ҳадиси Абӯқатода ривоят карданд ва иснодаш ҳасан аст, магар ки дар Усайд ихтилоф шудааст...ва гуфта шуд...ва Доруқутнӣ тариқи Ҷобирро саҳеҳ гуфтааст. Пас ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки ба ин муваффақ гардонд.

намоз на ғусл мекунад ва на таҳорат?! Ин агар собиқ мӯъмин бошад ва бар қалбаш муҳр зада шуд, ба сабаби он чи ки тарк кард ва фарз будани ин фарзҳоро эътиқод накард, кофиру бедин бошад ва агар эътиқод кунад, ки ӯ мӯъмин аст, кофиру бедин мебошад. Пас чигуна эътиқод мекунад, ки ӯ аз авлиёи парҳезгори Аллоҳ аст. Ва ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло дар сифати мунофиқон мефармояд:

﴿ ٱسۡتَحۡوَذَ عَلَيۡهِمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ فَأَنسَىٰهُمۡ ذِكۡرَ ٱللَّهِ ﴾المجادلة: ١٩

"**Шайтон бар онҳо ғолиб шуда пас зикри Аллоҳро аз хотири онҳо бурдааст**". (Сураи Муҷодала, ояти: 19) Гуфта мешавад: Ҳоза-л-ибила ҳавзанҳаргоҳ шутурро ра пушти сар ронад. Пас бар касоне ки шайтон ғолиб гашт, ононро ба хилофи амри Аллоҳ ва расулаш меронад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ أَلَمۡ تَرَ أَنَّآ أَرۡسَلۡنَا ٱلشَّيَٰطِينَ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ تَؤُزُّهُمۡ أَزّٗا ﴾ مريم: ٨٣

"**(Эй Паёмбар!) Оё надидӣ ки Мо шайтонҳоро бар кофирон фиристодем (ва мусаллат намудем) то онҳоро сахт барангезанд**". (Сураи Марям, ояти: 83)

Пас инҳо:

﴿ ٱسۡتَحۡوَذَ عَلَيۡهِمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ فَأَنسَىٰهُمۡ ذِكۡرَ ٱللَّهِۚ أُوْلَٰٓئِكَ حِزۡبُ ٱلشَّيۡطَٰنِۚ أَلَآ إِنَّ حِزۡبَ ٱلشَّيۡطَٰنِ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ﴾ المجادلة: ١٩

"**Шайтон бар онҳо ғолиб шуда пас зикри Аллоҳро аз хотири онҳо бурдааст, онҳо ҳизби шайтон ҳастанд ва огоҳ бошед (ва бидонед) ки ҳизби шайтон зиёнкоронанд**". (Сураи Муҷодала, ояти: 19)

Ва дар Сунан аз Абӯдардо аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: "**Се мард дар деҳае нест, ки дар онҳо азон гуфта намешавад ва намоз бо ҷамоат барпо намешавад, магар ки шайтон бар онҳо ғолиб меояд**".[34]

Пас кадом яке аз инҳо бошад, ки дар онҳо азон гуфта намешавад ва дар онҳо намоз боҷамоат барпо намешавад, аз ҳизби шайтон мебошанд, ки шайтон бар онҳо ғолиб омадаст, на аз авлиёи Ал-

[34] Ин ҳадисро Абӯдовуд (2/250) ва Насоӣ (2/106) ва Ҳоким (1/211, 1/246, 2/482) ривоят карданд ва Ҳоким онро саҳеҳ гуфт ва Заҳабӣ ӯро мувофиқат кард. Ва лафзи ҳадис: "Се мард дар деҳа ва бодия нест, ки дар онҳо намоз боҷамоат барпо намешавад, магар ки шайтон бар онҳо ғолиб меояд..." то охири ҳадис.

лоҳи Раҳмон ҳастанд, ки онҳоро икром кардааст. Агарчи обидону зоҳидон бошанд ва дорои гуруснагӣ ва шабзиндадорӣ ва хомушӣ ва хилват бошанд,[35] монанди роҳибони даёрот [36] ва касоне ки дар каҳфҳо ва ғорҳо зиндагӣ мекунанд, монанди аҳли кӯҳи Лубнон ва аҳли кӯҳи Фатҳ, ки дар Усвон аст ва кӯзи Лайсун ва мағоратиддам дар кӯҳи Қо-сиюн ва дигар кӯҳҳову гӯшаҳое, ки бисёри оби-дони ҷоҳили гумроҳ қасд мекунанд ва

---

[35] Гуруснагӣ, шабнишинӣ, хомушӣ ва хилват ин номҳои ибодатҳое аст, ки бисёри мардум онро пайдо кардаанд ва мурод худи онҳоро қарор додаанд, пас танҳо гуруснагӣ ё шабнишинӣ ё хомушӣ ё хилватро ибодати талабшуда қарор додаанд, пас натиҷаи ин фасодҳои бисёре овард, то ки ақли якеашон аз гуруснагии сахт ва шабнишинӣ меравад ва ӯ гумон мекунад, ки ба ин Аллоҳро ибодат дорад. Ё яке аз онон аз зикри Аллоҳ ва аз гуфтани ҳақ худдорӣ мекунад, ба гумонаш ки хомушӣ худ ибодат аст ё яке аз онон хилват мешинад, то ки ҷумъа ва ҷамоатро тарк мекунад, ба гумонаш ки ба хилват ибодат дорад ва инчунин. Ва гуруснагии шаръӣ он аст, ки рӯзаи шаръӣ бошад ё гуруснагӣ ба парҳез кардан аз хӯрдани ҳаром бошад.

Ва шабнишинии шаъӣ он аст, ки қиёми шаб бошад ё дар амали солеҳ аз амалҳои дунё ё охират бошад.

Ва хомушии шаръӣ, хомуш шудан аз гуфтани ботил ва дур шудан аз ғайбат, суханчинӣ ва беҳудагӯӣ бошад.

Ва хилвати шаръӣ он аст, ки аз ҳар чизе ки қалбро аз сайр кардан ба сӯи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло машғул месозад, хилват намояд.

Аммо танҳо гуруснагӣ ё шабнишинӣ ё хомушӣ ё хилвати танҳо дар шаръ наомадааст. Ва ҳамоно онҳо бидъатҳоест, ки шайтон дар дили мардум андохта аст. Аз Аллоҳ саломатӣ ва офиятро хоҳонем.

[36] Даёрот ҷамъи дор аст ва дор исмест, ки шомили хона ва макони кушоде, ки дар атрофи хона аст, мебошад. Ва даёрот ҷамъи лафзи дайр нест, ки "дайр" ҳамон ибодатхонаи насоро аст ва албатта лафзи "дайр" ба адёр ҷамъ мешавад.

дар он ҷойҳо хилват мегиранд ва риёзиёт мекунанд, бе ин ки азон дода шавад ва дар онҳо панҷ вақт намоз боҷамоат барпо шавад, балки ба ибодатҳое ибодат мекунанд, ки Аллоҳ ва расулаш онро машрӯъ насохтаанд, балки ба завқҳо ва ваҷдҳояшон ибодат мекунанд, аҳволашонро ба Қуръон ва суннат мутобиқ намесозанд ва қасди пайравии Расулуллоҳро надоранд, ки Аллоҳ дар вай мефармояд:

﴿ قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡ ﴾

"**Бигӯ агар Аллоҳро дӯст медоред, пас маро пайравӣ кунед, Аллоҳ шуморо дӯст медорад ва гуноҳони шуморо мебахшад**" то охири оят. (Сураи Оли Имрон, ояти: 31) Пас инҳо бидъаткорон ва гумроҳонанд, аз ҳизби шайтон ҳастанд на аз авлиёи Аллоҳи Раҳмон. Пас касе барои онҳо ба вилояту дӯстии Аллоҳ шоҳидӣ диҳад, пас вай шоҳиди бардурӯғу дурӯғгӯ ва аз роҳи рост рӯйгардон аст.

**[Ҳукми касе ки барои шахсе ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро хилоф мекунад, ба валигӣ шоҳиди медиҳад]**

Агар донист, ки инҳо мухолифи Расул ҳастанд ва бо вуҷуди ин шоҳиди диҳад, ки онон аз авлиёи Аллоҳ ҳастанд, пас вай ба ин эътиқодаш аз дини Ислом хориҷ шудааст, пас вай ё Расулро дурӯғгӯ мешуморад ва ё дар он чизе ки овардааст, шак дорад ва ё ки барои Ӯ сар хам накардааст, балки аз рӯи инкор ё саркашӣ ё аз рӯи пайравии хоҳиши нафс мухолифи Ӯ ҳаст ва ҳар яки инҳо кофир ҳастанд.

**[Қоидаҳои узри ба ҷаҳл]**

Аммо он чизеро ки Расул овардааст, надонад ва ӯ бо вуҷуди ин эътиқод дорад, ки Расулуллоҳ ба сӯи ҳар як нафар дар амрҳои ботинӣ ва зоҳирӣ аст ва ин ки роҳе ба сӯи Аллоҳ нест, магар ба пайравии Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, локин гумон кунад, ки ин ибодатҳои бидъатӣ ва ҳақоиқи шайтонӣ аз ҷумлаи чизҳое аст, ки Расул овардааст ва аз рӯи ҷаҳлаш ба суннат, шариат, минҳаҷ, тариқат ва ҳақиқати Ӯ намедонад, ки он аз ҷониби

шайтон аст. Қасди мухолифатии Паёмбарро надорад ва ҳидоятро дар ғайри пайравии Ӯ чашм надорад, ба ин ҳақро баён карда мешавад ва ба суннат ва Қуръон шиносонида мешавад, пас агар тавба кунад ва бозгардад, вагарна ба қисми собиқ пайваста мешавад ва кофиру бедин бошад ва ибодату зоҳидияш аз азоби Аллоҳ ӯро наҷот намедиҳад, ҳамонгуна ки аз ин роҳибон ва салибпарастон ва оташпарастон ва бутпарастон, бо бисёрии касоне ки барояшон хилофи одатҳои шайтонӣ ва мукошафоти шайтонӣ ҳастанд, наҷот наёфтанд.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ قُلۡ هَلۡ نُنَبِّئُكُم بِٱلۡأَخۡسَرِينَ أَعۡمَٰلًا ١٠٣ ٱلَّذِينَ ضَلَّ سَعۡيُهُمۡ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَهُمۡ يَحۡسَبُونَ أَنَّهُمۡ يُحۡسِنُونَ صُنۡعًا ١٠٤ ﴾ الكهف: ١٠٣ - ١٠٤

"**(Эй Паёмбар!) бигӯ: Оё шуморо ба зиёнтарини (мардум) дар корҳо хабар диҳем. Касоне ки талош ва кӯшишашон дар зиндагии дунё табоҳ ва зоеъшуда ва бо ин ҳол гумон мекунанд, ки кори нек анҷом медиҳанд**". (Сураи Каҳф, ояти: 103-104)

Саъд ибни Абӯваққос ва ғайраш аз гузаштагон гуфтанд: Дар соҳибони ибодатхонаҳо ва дайрҳои насронӣ нозил шудааст. [37]

Ва аз Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу ва ғайраш ривоят шудааст, ки онҳо онро дар ҳарури-ҳо ва монанди онҳо аз аҳли бидъат ва гумроҳон таъвил мекарданд.[38]

---

[37] Ин асарро Бухорӣ (8/78, Фатҳ-ул-Борӣ) аз ҳадиси Мусъаб ибни Саъд ривоят кард, ба лафзи: Мусъаб гуфт: Падарамро пурсидам: "**(Эй Паёмбар!) бигӯ: Оё шуморо ба зиёнтарини (мардум) дар корҳо хабар диҳем".** Онҳо ҳарурӣ ҳастанд? Гуфт: Не, онҳо яҳуд ва насоро ҳастанд...то охири ҳадис. Ва инро Ҳоким (2/370) ба лафзи: "...не, ва локин онҳо соҳибони маъбадҳои насронӣ аст", то охири ҳадис, ривоят кардааст.

[38] Ҳарурихо тоифаи аз аҳли бидъат, хавориҷиҳое ҳастанд, ки бар алайҳи Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу хуруҷ карданд. Ва ҳарурия номида шуданд аз рӯи нисбати онҳо ба ҳаруро ва он деҳае аст, ки ибтидои хуруҷи хавориҷ бар алайҳи Алӣ аз онҷо буд. Ибни Ҳаҷар гуфт: Ибни Мардавайҳ аз тариқи Қосим ибни Абӯбаза аз Абӯтуфайл аз Алӣ дар ин оят гуфт: Гумон мекунам, ки баъзеи онҳо ҳаруриянд. Ва Ҳоким аз дигар ваҷҳ аз Абӯтуфайл ривоят карда гуфт: Алӣ гуфт: Баъзеи онҳо ёрони Наҳравон ҳастанд.. ва аслаш дар назди Абдурразоқ ба лафзи: Ибни Каво дар назди Алӣ бархоста гуфт: Зиёнтарини мардум дар корҳо чист? Гуфт: Вой бар ту, аз ҷумлаи онҳо аҳли Ҳаруро аст. (8/278-279, Фатҳ-ул-Борӣ). Ибни Касир мегӯяд: Ва маънои ин аз Алӣ разияллоҳу анҳу омадааст, ки ин ояти карима шомили ҳарурӣ аст, ҳамчуноне ки шомили яҳуд, насоро ва ғайрашон аст, на ин ки махсус дар инҳо нозил шудааст ва на дар инҳо, балки ин аз ин дида умумӣ аст. Ҳамоно оят Маккӣ аст, пеш аз хитоби яҳуд ва насоро ва пеш аз вуҷуди хавориҷ, куллӣ мебошад. Ин ом мебошад дар ҳаққи ҳар касе ки Аллоҳро бар ғайри тариқаи розишуда ибодат мекунад, гумон мекунад, ки дар он ба савоб расида ва амалаш мақбул аст ва вай хатокор ва амалаш мардуд аст. (3/107, Тафсири Ибни Касир).

Фоидаи боарзиш: Шайхи Ислом мегӯяд: Гуфтаи онҳо (яъне салаф) ин оят дар инчунин воқеа нозил шуд, ба он гоҳо сабаби нузул ирода мешавад ва гоҳо ба он ирода мешавад, ки он дар зимни оят дохил аст ва агарчи сабаби нузули оят

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ هَلۡ أُنَبِّئُكُمۡ عَلَىٰ مَن تَنَزَّلُ ٱلشَّيَٰطِينُ ٢٢١ تَنَزَّلُ عَلَىٰ كُلِّ أَفَّاكٍ أَثِيمٍ ٢٢٢ ﴾

الشعراء: ٢٢١ – ٢٢٢

"**Оё шуморо хабар диҳам, ки шайтонҳо бар кӣ нозил мешаванд? Бар ҳар дурӯғгӯи аз гунаҳгор нозил мешавад**". (сураи Шуъаро, ояти: 221-222)

﴿ أَفَّاكٍ ﴾ Аффок ҳамон дурӯғгӯ ва ﴿ أَثِيمٍ ﴾ асим гунаҳгор аст, ҳамонгуна ки Аллоҳ фармуд:

﴿ لَنَسۡفَعَۢا بِٱلنَّاصِيَةِ ١٥ نَاصِيَةٖ كَٰذِبَةٍ خَاطِئَةٖ ١٦ ﴾ العلق: ١٥ – ١٦

"**Аз мӯи пешонаи сараш мегирему мекашем, мӯи пешонаи сари дурӯғгӯи хатокорро**". (Сураи Алақ, ояти: 15-16)

---

набошад, ҳамонгуна ки мегӯӣ: Мақсад ба оят инчунин аст...ва ҳаргоҳ ин дониста шуд, пас қавли якеи онҳо ки дар инчунин нозил шуд, қавли дигарро, ки дар инчунин нозил шуд, нафй намекунад, ҳаргоҳ лафз ҳардуро дарбар дошта бошад. (13/339-340, Маҷмӯъ-ул-фатово).

## [Касе дар дин беилм сухан кунад, пас вай дурӯғгӯ аст]

Касе дар дин беилм сухан кунад, дурӯғгӯ мебошад ва агарчи қасди дурӯғ гуфтанро надошта бошад. Ҳамонгуна ки дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки барои Ӯ Субайъаи Асламӣ гуфт ва шавҳари вай дар ҳаҷҷат-ул-вадоъ вафот карда буд, пас вай ҳомила буд, пас дар чанд шабе баъди фавтидани шавҳараш таваллуд кард. Пас барои вай Абӯсанобил ибни Баъкак гуфт: Ту издивоҷ намекунӣ, то ки охири ду муҳлат бар ту бигзарад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Абӯсанобил дурӯғ гуфтааст, балки ҳалол гаштаӣ, пас издивоҷ кун**". [39]

Ва инчунин вақте Салама ибни Акваъ гуфт, ки онҳо мегӯянд: Омир худашро кушт ва амалашро

[39] Ин ҳадисро Бухорӣ (8/521, 9/379, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (10/110, Шарҳи Нававӣ) аз ҳадиси Умми Салама ривоят карданд ва дар ривояти ягон нафари онҳо "Абӯсанобил дурӯғ гуфт" вуҷуд надорад, локин ин лафзро имом Аҳмад дар Муснадаш (6/447) аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст ва шайх Аҳмад Муҳаммад Шокир иснодашро саҳеҳ гуфт (6/136, ал-Муснад ба таҳқиқи Шайх).

бекор кард, пас фармуд: "**Касе инро гуфт, дурӯғ гуфта аст, ҳароина вай ҷиддию муҷоҳид буд**".[40]

Ва қоили ин сухан қасди дурӯғро надошт, чаро ки вай марди солеҳ буд ва ривоят шудааст, ки вай Усайд ибни Ҳузайр буд, локин вақте ки вай беилм сухан кард, ӯро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дурӯғгӯ намуд.

---

[40] Ин ҳадисро Бухорӣ дар Саҳеҳаш (7/530, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (12/167, Шарҳи Нававӣ) аз ҳадиси Салама ибни Акваъ ривоят карданд. Аммо қавли Шайхи Ислом: Ривоят шуд, ки вай Усайд ибни Ҳузайр буд. Инро имом Муслим дар Саҳеҳаш дар мавзеи ишорашуда ривоят кард ва Усайд яке аз се нафаре буд, ки ин қавлро гуфта буданд. Ва Омир ҳамон Ибни Акваъ бародари Салама ибни Акваъ аст. Ва сабаби қавлашон "амалашро бекор кард" ин буд, ки вай дар вақти ҷангиданаш дар ғазваи Хайбар, вақте бо як яҳудӣ дар қитол буд, Омир худашро ба шамшераш осеб расонид, пас дар он сабаби фавтиданаш буд, пас ба хотири ин гуфтанд: Амалаш бекор шуд, аз рӯи гумон карданашон, ки ин қотили нафсаш ҳисоб мешавад. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар ин онҳоро дурӯғгӯ намуда фармуд: "Касе инро гуфт, дурӯғ гуфт, ҳароина барои вай ду аҷр аст ва ду ангушташро ҷамъ намуд, ҳароина вай ҷиддию муҷоҳид аст..." то охири ҳадис.

Нававӣ мегӯяд: Фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Иннаҳу лаҷоҳидун муҷоҳидун", ҷумҳури гузаштагон ва пасомадагон онро чунин ривоят карданд: Лаҷоҳидун ба касраи ҳарфи ҳо ва танвини ҳарфи дол, муҷоҳидун ба заммаи ҳарфи мим ва танвини дол низ ва тафсир карданд: Ҳароина дар илму амалаш кӯшиш дошт, яъне дар тоати Аллоҳ кӯшиш мекард ва муҷоҳид ҳамон муҷоҳиди дар роҳи Аллоҳ аст ва вай ғозӣ аст. Ва Қозӣ гуфт: Дар ин ваҷҳи дигар аст, ин ки Ӯ ду лафзро аз рӯи таъкид якҷо овард. Ибни Анборӣ гуфт: Араб ҳаргоҳ дар таъзими чизе муболаға кунад, аз лафзи он лафзи дигаре бар ғайри бинои он аз рӯи таъкиди бештар иштиқоқ мекунад ва эъроби он лафзро медиҳад, пас мегӯянд: Ҷодун маҷдун ва лайлун лоилун ва шеърун шоъирун ва монанди ин. (12/168-169, Шарҳи саҳеҳи Муслими Нававӣ).

Ва Абӯбакр ва Ибни Масъуд ва дигар саҳобагон дар чизе ба иҷтиҳодашон фатво медоданд, мегуфтанд: "Агар дуруст бошад, пас аз ҷониби Аллоҳ аст ва агар хато бошад, пас он аз ҷониби ман ва шайтон аст. Аллоҳ ва расулаш аз он пок ҳастанд".(41) Ҳаргоҳ хатои муҷтаҳид, ки барояш бахшидашуда аст аз ҷониби шайтон бошад, пас чигуна аст ҳоли касе ки беиҷтиҳоде ки барояш сухан кардан дар динро мубоҳ мегардонад, сухан мекунад?!

Хатои ин низ аз ҷониби шайтон аст, бо вуҷуди ин ки ҳаргоҳ аз он тавба накунад, иқоб карда мешавад.

---

(41) Асари Абӯбакрро Ибни Ҷарир (8/53, Тафсири Ибни Ҷарир) ва ғайраш дар тафсири маънои калола ривоят карданд. Абӯбакр разияллоҳу анҳу гуфт: "Ман оиди калола назаре дорам, пас агар дуруст бошад, пас аз ҷониби Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест мебошад ва агар хато бошад, пас аз ҷониби ман ва шайтон аст ва Аллоҳ аз он пок аст..." то охири асар. Мегӯям: Он асари мунқатеъ аст, ки онро аз Абӯбакр разияллоҳу анҳу Шаъбӣ ривоят кардааст ва Шаъбӣ дар хилофати Умар ба дунё омад, локин Иҷлӣ гуфт: Шаъбӣ қариб, ки ирсол намекунад, магар саҳеҳро.

Ва аммо асари Ибни Масъудро Абӯдовуд (6/147) ва Насоӣ (6/122) ва Ҳоким (2/180) ва Аҳмад (1/447) ривоят карданд ва дар он аз марде пурсида шуд, ки бо зане издивоҷ кард ва маҳрро барои вай наномид, пас пеш аз он ки бо вай наздик шавад, фавтид. Пас баъде ки дар ин воқеа фатво дода гуфт: "Агар дуруст бошад, пас аз ҷониби Аллоҳ азза ва ҷалла аст ва агар хато бошад, пас аз ҷониби ман ва шайтон аст ва Аллоҳ азза ва ҷалла ва расулаш пок ҳастанд..." то охири ҳадис. Ҳоким гуфт: Бар шарти Муслим саҳеҳ аст ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат карда аст ва низ шайх Аҳмад Муҳаммад Шокир дар тахриҷаш барои Муснад (6/137) саҳеҳ гуфтааст.

Ва хатои муҷтаҳид, ки аз ҷониби шайтон аст, барояш бахшидашуда аст, ҳамонгуна ки эҳтилом ва фаромушӣ ва ҷуз ин аз ҷониби шайтон буда, бахшидашуда аст, ба хилофи касе ки беиҷтиҳоде ки барояш сухан карданро мубоҳ мегардонад, сухан мекунад, пас ин дурӯғгуву гунаҳгор аст ва агарчи дар ғайри ин, некиҳо дошта бошад. Шайтон бар ҳар инсон фурӯ меояд ва ба тибқи мувофақатии ӯ бо вай ваҳй мекунад ва ба мувофақатии ихлоси вай барои Аллоҳ ва тоати вай барои Аллоҳ шайтон ронда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ عِبَادِى لَيۡسَ لَكَ عَلَيۡهِمۡ سُلۡطَٰنٌ ﴾ الإسراء: ٦٥

"**Албатта ту ҳаргиз бар бандагони Ман салтанате нахоҳӣ дошт**". (Сураи Исро, ояти: 65)

[**Бандагони Аллоҳ ва бандагони шайтон**]

Бандагони Аллоҳ касонеанд, ки тибқи дастурҳое, ки паёмбарон додаанд, яъне ба адои воҷибҳо ва мустаҳабҳо Аллоҳро ибодат мекунанд. Ва касе ки ба ҷуз ин дастурҳо ибодат мекунад, пас ӯ аз бандагони шайтон аст, на аз бандагони Аллоҳи Раҳмон. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَٰبَنِىٓ ءَادَمَ أَن لَّا تَعْبُدُوا۟ ٱلشَّيْطَٰنَ ۖ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ
﴿٦٠﴾ وَأَنِ ٱعْبُدُونِى ۚ هَٰذَا صِرَٰطٌ مُّسْتَقِيمٌ ﴿٦١﴾ وَلَقَدْ أَضَلَّ مِنكُمْ جِبِلًّا كَثِيرًا ۖ أَفَلَمْ
تَكُونُوا۟ تَعْقِلُونَ ﴾ يس: ٦٠ – ٦٢

**"Эй фарзанди Одам! Оё бо шумо паймон набастам, ки шайтонро напарастед, ки ӯ барои шумо душмани ошкор аст?! Ва ин ки Маро бипарастед, ин роҳи рост аст. Ва ба ростӣ ӯ гурӯҳи зиёде аз шуморо гумроҳ сохт оё андеша накардед?!"**. (Сураи Ёсин, ояти: 60-62)

Ва касоне ки шайтонро мепарастанд, бисёри онҳо намедонанд, ки шайтонро мепарастанд, балки гумон мекунанд, ки онҳо малоика ё накӯкоронро мепарастанд,[42] монанди касоне ки ба онон фарёдрасӣ мекунанд ва барои онон саҷда мекунанд, пас онон дар ҳақиқат шайтонро мепарастанд ва

[42] Ибодати ғайри Аллоҳ ширки ба Аллоҳ ва шикананандаи тавҳид аст, хоҳ парастидашуда малоикаи муқарраб бошад ё паёмбари фиристодашуда ё марди солиҳ ё шайтони саркаш бошад. Ва Шайхи Ислом ба ин сухан хост ҳақиқатеро баён намояд, ки бар бисёриҳо пӯшида мебошад ва он ин аст, ки ҳар касе ҷуз Аллоҳро парастад, дар ҳақиқат шайтонро парастида аст ва агарчи парастанда хилофи инро гумон кунад. Баёни инро нахостааст, ки ибодати ғайри Аллоҳ аз малоика ва солиҳон ҷоиз аст, ҳоло ки ибодати ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад, инро мусалмон намегӯяд ва Шайхи Ислом аз ин қавл пок аст.

агарчи гумон кунанд, ки онҳо ба бандагони солиҳ тавассул мегиранд ва талаби шафоат мекунанд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَيَوۡمَ يَحۡشُرُهُمۡ جَمِيعٗا ثُمَّ يَقُولُ لِلۡمَلَٰٓئِكَةِ أَهَٰٓؤُلَآءِ إِيَّاكُمۡ كَانُواْ يَعۡبُدُونَ ٤٠ قَالُواْ سُبۡحَٰنَكَ أَنتَ وَلِيُّنَا مِن دُونِهِمۖ بَلۡ كَانُواْ يَعۡبُدُونَ ٱلۡجِنَّۖ أَكۡثَرُهُم بِهِم مُّؤۡمِنُونَ ٤١﴾ سبأ: ٤٠ – ٤١

"**Ва (ба ёд овар) рӯзеро ки (Аллоҳ) ҳамаи онон-ро бармеангезад, сипас ба фариштагон мегӯяд: Оё инҳо шуморо парастиш мекарданд?!**". (Сураи Саба, ояти: 40-41)

Барои ин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хондани намоз дар вақти баромадани офтоб ва нишастани он манъ кард, пас шайтон дар он вақт ба офтоб наздик мешавад, то ки саҷдаи офтобпа-растон барои вай шавад ва онҳо гумон мекунанд, ки ба офтоб саҷда доранд ва саҷдаи онҳо барои шайтон аст. Ва инчунин аст дуогӯёни ситораҳо, ки ситорае аз ситорагонро ба дуо мехонанд ва барои он саҷда мекунанд ва онро муноҷот ва дуо ме-кунанд ва барои он таом, либос ва хушбӯӣ ва

табаррукҳое,[43] ки муносиби он мебошад, анҷом медиҳанд, ҳамчуноне ки муаллифи "ас-Сирр-ул-мактум" Машриқӣ ва муаллифи "аш-Шӯъслат-ун-нурония" Бунии Мағрибӣ ва ғайрашон зикр кардаанд. Пас бар инҳо рӯҳҳое нозил мешавад, ки онҳоро хитоб мекунад ва баъзе умурро ба онҳо хабар медиҳад ва барояшон баъзе ҳоҷатҳояшон-ро мебарорад ва инро рӯҳонияти кавокиб номида мешавад.

Ва баъзеашон гумон мекунад, ки он малоика аст ва ҳамоно онҳо шайтонҳо аст, ки бар онон нозил мешаванд, Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَمَن يَعۡشُ عَن ذِكۡرِ ٱلرَّحۡمَٰنِ نُقَيِّضۡ لَهُۥ شَيۡطَٰنٗا فَهُوَ لَهُۥ قَرِينٞ ﴾ الزخرف: ٣٦

"**Ва ҳаркас аз ёди (Аллоҳи) Раҳмон ғофил (ва рӯйгардон) шавад, барои ӯ шайтоне вобаста ме-кунем, пас ҳамвора он (шайтон) қарин (ва ҳам-нишини) ӯ бошад**". (Сураи Зухруф, ояти: 36)

Ва ёди Аллоҳи Раҳмон ҳамон чизест, ки нозил кард ва он Қуръон ва суннат аст, ки Аллоҳ дар бораи онон мефармояд:

---

[43] Дар нусхаи дигар: "Ва тасбеҳҳо" аст.

﴿ وَٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡ وَمَآ أَنزَلَ عَلَيۡكُم مِّنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَٱلۡحِكۡمَةِ يَعِظُكُم بِهِۦ ﴾ البقرة: ٢٣١

"**Ва аз неъмате ки Аллоҳ ба шумо додааст ва аз оёту ҳикмате, ки барои панди шумо фиристода аст, ёд кунед**". (Сураи Бақара, ояти: 231)

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ لَقَدۡ مَنَّ ٱللَّهُ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ إِذۡ بَعَثَ فِيهِمۡ رَسُولٗا مِّنۡ أَنفُسِهِمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمۡ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ ﴾ آل عمران: ١٦٤

"**Аллоҳ бар мӯъминон миннат ниҳод, онгоҳ ки аз худашон ба миёни худашон паёмбаре равон кард, то оёташро бар онҳо бихонад ва покашон созад ва китобу ҳикматашон биёмузад**". (Сураи Оли Имрон, ояти: 164)

Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ هُوَ ٱلَّذِي بَعَثَ فِي ٱلۡأُمِّيِّـۧنَ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمۡ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ ﴾ الجمعة: ٢

"**Ӯ касест, ки дар миёни дарс нохондагон расулеро аз худашон барангехт, ки оёташро бар онҳо**

**мехонд ва онҳоро пок мекунад ва ба онон китоб (Қуръон) ва ҳикмат (суннат) меомӯзад**". (Сураи Ҷумъа, ояти: 2)

Ва он зикрест, ки Аллоҳ оиди он фармуд:

﴿ إِنَّا نَحۡنُ نَزَّلۡنَا ٱلذِّكۡرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ﴾ الحجر: ٩

"**Ҳамоно Мо Қуръонро нозил кардем ва қатъан Мо нигаҳбони он ҳастем**". (Сураи Ҳиҷр, ояти: 9) Пас касе аз Қуръон ва суннат рӯй гардонад, барои вай ҳамнишине аз шайтонҳо вобаста карда шавад, ки тибқи пайравӣ карданаш ба шайтон аз авлиёи шайтон мегардад.

## [**Ҳукми касе ки боре бо Аллоҳ дӯстӣ мекунад ва боре бо шайтон**]

Агар боре бо Аллоҳ дӯстӣ кунад ва бори дигар бо шайтон, дар вай аз имон ва дӯстии Аллоҳ ба андозае аст, ки дар он бо Аллоҳи Раҳмон дӯстӣ кардааст ва дар вай ба андозае ки бо шайтон дӯстӣ кардааст, аз душманиии Аллоҳ ва нифоқ вуҷуд дорад. Ҳамчуноне ки Ҳузайфа ибни Ямон гуфт: Дилҳо чор қисманд: Қалби холӣ, ки дар он чароғест, ки медурахшад, пас ин қалби мӯъмин

аст. Ва қалби ба ғилоф пӯшида, пас ин қалби кофир аст. Ва ағлаф қалбест, ки ба ғилоф печонда шудааст. Ҳамонгуна ки Аллоҳ таъоло аз яҳуд хабар дода фармуд:

﴿وَقَوۡلِهِمۡ قُلُوبُنَا غُلۡفُۢۚ بَلۡ طَبَعَ ٱللَّهُ عَلَيۡهَا بِكُفۡرِهِمۡ﴾ النساء: ١٥٥

"**Ва (ин) гуфтаашон, ки дилҳои мо дар парда аст ( ва суханони Паёмбарро дарк намекунем), балки Аллоҳ ба сабаби куфрашон бар (дилҳои) онҳо муҳр задааст**". (Сураи Нисо, ояти: 155)

Ва ба ростӣ фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гузашт, ки: "**Касе се ҷумъаро тарк кунад, Аллоҳ бар қалбаш муҳр мезанад**".

Ва қалби чаппашуда, ки ин қалби мунофиқ аст.

Ва қалбе ки дар он ду модда аст: Моддае ки онро ба имон мекашонад ва моддае ки ба нифоқ мекашонад, пас кадомеаш, ки ғолиб ояд, ба он ҳукм мешавад.

Ин асар дар Муснади имом Аҳмад ба таври марфӯъ ривоят шудааст.[44]

---

[44] Аҳмад (3/17) аз ҳадиси Абӯсаъиди Худрӣ ривоят кард, ба лафзи: "Қалбҳо чор қисманд: Қалби холӣ, дар он чароғест, ки медурахшад. Ва қалби дар парда, бар ғилофаш баста шудааст. Ва қалби чаппа ва қалби паҳншуда. Пас аммо қалби

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, ки фармуд: "**Чор хислат аст, дар ҳар касе ки бошад, ӯ мунофиқи холис аст ва касе ки дар ӯ хислате аз он бошад, дорои хислате аз нифоқ аст, то вақте ки онро тарк кунад. Вақте ки амонат гузошта шавад, хиёнат кунад ва вақте ки сухан гӯяд, дурӯғ гӯяд ва чун аҳд кунад, онро бишканад ва чун ҷанг кунад, дашном диҳад**".[45]

---

холӣ, қалби мӯъмин чароғи он нури он аст ва аммо қалби дар парда, қалби кофир аст ва аммо қалби чаппа қалби мунофиқ аст, шинохт сипасинкор кард. Ва аммо қалби паҳншуда, қалбест, ки дар он имон ва нифоқ аст, пас қиссаи имон дар он монанди гиёҳ аст, ки оби пок онро мерӯёнад ва қиссаи нифоқ дар он, монанди қиссаи обила аст, ки чирку хун дар он ҷамъ мешавад, пас кадом моддае бар дигаре ғолиб ояд, бар вай ғолиб меояд".

Шайх Ибни Касир дар исноди ин ҳадис мегӯяд: Ин исноди хуб ва ҳасан аст. (1/56, Тафсири Ибни Касир) ва низ шайх Аҳмад Муҳаммад Шокир онро саҳеҳ гуфтааст. (1/114, Умдат-ут-тафсир).

Мегӯям: Дар санади ҳадис ду иллат аст:

Якум: Яке аз ровиёни ҳадис Лайс ибни Абӯсулайм аст, вай заиф аст.

Дуюм: Байни ровӣ Абӯлбухтурӣ аз Абӯсаъид ва байни Абӯсаъиди Худрӣ инқитоъ аст ва бинобар ин, ин санад заиф аст ва тасарруфи Шайхи Ислом инҷо низ далолат бар заъфи ин ҳадис аст, пас ҳадиси мавқуфро оварда аст на марфӯъро. Ва ба он ба гуфтааш ишора кардааст: Ин ба таври марфӯъ ривоят шудааст. Агар марфӯъ дар наздаш саҳеҳ мебуд, ҳароина онро дар каломаш асос қарор медод ва ривояти мавқуфро бар он тақдим намекард. Ва аммо оиди ривояти мавқуф Ибни Қайим мегӯяд: "Аз Ҳузайфа ибни Ямон ба таври саҳеҳ омадааст...". Пас онро дар (Иғосат-ул-лаҳафон, 1/12) зикр кард.

[45] Ин ҳадисро Бухорӣ (1/111, Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (2/46, Шарҳи Нававӣ) ривоят карданд.

Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён намуд, ки дар қалб шохаи нифоқ ва шохаи имон мебошад. Вақте дар қалб шохаи нифоқ бошад, дар он шохае аз вилоят ва шохае аз душмании ӯ бошад. Барои ин ба дастони баъзеи инҳо корҳои хилофи одат аз ҷиҳати имонаш ба Аллоҳ ва тақвои ӯ воқеъ мешавад, аз ҷумлаи каромоти авлиё мебошад ва корҳои хилофи одате, ки аз ҷиҳати нифоқ ва душманияш мешавад, ки аз аҳволи шайтонҳо аст. Барои ин Аллоҳ таъоло моро амр кард, ки дар ҳамаи намозҳо бигуем:

﴿ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ۝٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ﴾ الفاتحة: ٦ – ٧

"**Моро ба роҳи рост ҳидоят кун, роҳи касоне ки бар онон неъмат додӣ, на роҳи хашмгирифтагон бар онҳо ва на роҳи гумроҳон**". (Сураи Фотиҳа, ояти: 6-7)

Ва (**хашмгирифтагон бар онҳо**) касонеанд, ки ҳақро медонистанд ва ба хилофи он амал мекарданд ва (**гумроҳон**) касоне ки Аллоҳро беилм мепарастанд. Пас касе ки пайрави хоҳиш, завқ ва

ваҷдаш аст, бо вуҷуде ки медонад ин мухолифи Қуръон ва суннат аст, пас вай аз ҷумлаи (**хашмгирифтагон бар онҳо**) аст ва агар инро надонад, пас вай аз ҷумлаи (**гумроҳон**) аст.

Аз Аллоҳ талаб менамоям, ки моро ба роҳи рост ҳидоят кунад, роҳи касоне ки бар онон неъмат додааст, аз паёмбарон ва сиддиқон ва шаҳидону солиҳон ва инҳо чӣ рафиқони неке ҳастанд.

Ва ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки парвардигори оламиён аст ва оқибат барои парҳезкорон аст ва Аллоҳ бар Муҳаммад салоту раҳмат фиристад.

## САРЧАШМАҲО

1-Саҳеҳи Бухорӣ ва шарҳи он Фатҳ-ул-Бории Ибни Ҳаҷар.

2-Саҳеҳи Муслим ва шарҳи он ал-Минҳоҷи Нававӣ.

3-Сунани Абӯдовуд.

4-Сунани Тирмизӣ.

5-Сунани Насоӣ.

6-Сунани Ибни Моҷа.

7-Муснади имом Аҳмад.

8-Муваттаи Молик ва шарҳи он Танвир-ул-ҳаволики Сиютӣ.

9-Саҳеҳ-ул-ҷомеъи Албонӣ.

10-Мустадраки Ҳоким.

11-Саҳеҳи Ибни Хузайма.

12-Талхис-ул-ҳабири Ибни Ҳаҷар.

13-Тафсири Ибни Ҷарири Табарӣ.

14-Тафсири Ибни Касир.

15-Муқаддимату фи усул-ит-тафсири Ибни Таймия.

16-Изоҳ-уд-далолати Ибни Таймия.

17-Иршод-ул-фуҳули Шавконӣ.

18-Ҳулят-ул-авлиёи Абӯнуъайм.

19-Шарҳи ақидаи Таҳовӣ аз они Ибни Абилиззи ҳанафӣ.

20-Иғосат-ул-лаҳафони Ибни Қайим.

21-Умдат-ут-тафсири Шайх Аҳмад Муҳаммад Шокир.

22-Лисон-ул-араби Ибни Манзур.

Рӯзи панҷшанбе соати 11:55, 17/раҷаб/1441 ҳиҷрӣ мувофиқи 12/март/2020 мелодӣ тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ ба поён расид. Аз Аллоҳи карим мепурсам, ки амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад.

✍Ба қалами: Шаҳобиддин Солиҳ

Мадинаи Мунаввара